ЧАРО ИЗҲОРОТИ ТОШИЕВ БАРОИ МИНТАҚА ХАТАРНОК АСТ? с.4

ЗУЛМИ ТАБИАТ ДАР ҲАҚИ ЯК ҶАВОНИ МАЪЮБ с.7

РАҚИБИ НУРУЛЛО АЛИЕВ ДАР UFC МУАЙЯН ШУД с.15





# ТОҶИКИСТОН

№38 (1549)
20.09.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~


# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР НЮ-ЙОРК

## Аз дидори сарони ОМ бо Ҷо Байден то мулоқот бо Раисиву Ҷабборов







М.О.О. Group
СЕБИСТОН-2018
— ширкати сохтмонӣ —

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ

*Моликияти МБИ "АҲРОРӢ":*

- Биноҳои 8 ва 9-ошёна, 10 блок;
- Дар ҳар як ошёна аз 1 то 6 квартира;
- Хонаҳои боҳашаммати иборат аз 63 м2 то 608 м2;
- Баландии шифти квартираҳо 4 метр;
- Фасадҳои нахи бетонӣ бо изолятсияи гармидиҳӣ;
- Амният ва назорати видеоӣ бо назорати дастрасӣ;
- Лобби барои интизории меҳмонон;
- Ҳавлиҳои пӯшидаи муҳофизатшавандаи бидуни мошин;
- 2 ошёнаи таваққуфгоҳ;
- СПА;
- Маркази фитнес;
- Ҳавз;
- Мағозаҳо бо брендҳои ҷаҳонӣ;
- Фасади мағоза аз гранит;
- Лифтҳои алоҳида барои мағозаҳо;
- 80% майдони сабз;
- Имконият барои сайругашт дар наздикии боғи "Истиқлол";
- Масҷиди марказӣ;
- Аквапарки "Обшорон".

*Маҷмааи биноҳои истиқоматӣ, иборат аз блокҳои А Б В Г Д Е Ж З И К, бо ҷойгир кардани марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ошёнаҳои якум ва таваққуфгоҳ, бунёди кӯдакистони хусусӣ барои 250 ҷой дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.*

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ: +992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33


## ДАР ИН ШУМОРА:


**ФОҶЕА ДАР ПАНҶАКЕНТ**
Чаро ду холадухтар худро ба дарё партофтанд? с.11

**РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ**
Ваъда ба ғолибони Бозиҳои 19-уми Осиё с.10

**ШОҲРУХ САИДЗОДА**
Нигаронӣ ва хурсандӣ аз омадани Роналду с.2

**БОХТАР**
Чаро калонтарин корхонаи саноатӣ аз кор монд? с.6

**ДУШАНБЕ**
Омӯзгори сол кист? с.5

**САРНАВИШТ**
Чӣ гуна як зани тоҷик нозири барқ шуд? с.7

**КАНЗИ ШИФО**
Се душмани чашм чист? с.12

**ҶАШНВОРА**
Рӯдакӣ аз рӯд аст ё аз Рӯдак? с. 13

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Ӯзбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

# PRESSA.TJ : ХАБАР МЕДИҲАД

## ЮНЕСКО 9 ЁДГОРИИ ТОҶИКИСТОНРО ҚАБУЛ КАРД

**9 ёдгории таърихии Тоҷикистон ба Феҳристи асосии мероси фарҳанги умумибашарии ЮНЕСКО ворид шуд.**

Ин ёдгориҳо Панҷакенти қадим, шаҳраки Санҷаршоҳ, Тали Хамтуда, низоми обёрикунии Тоқсанкорез, Оромгоҳи Хоҷа Муҳаммад Башоро, Гардани Ҳисор, Қалъаи Муғ, Қалъаи Кум ва Қалъаи Ҳисорак мебошанд. Ёдгориҳои номбурда ба номинатсияи фаромиллии «Шоҳроҳи Бузурги Абрешим: долони Зарафшон-Қароқум» шомил ҳастанд.

Ба номинатсияи фаромиллии «Шоҳроҳи Бузурги Абрешим: долони Зарафшон-Қароқум» давлатҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон низ шомил буда, дар маҷмӯъ 31 ёдгориро дар бар мегирад.

Ёдовар мешавем, ки пеш аз ин соли 2010 шаҳри бостонии Саразм ба Феҳристи асосии мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ҳамчун объекти таърихӣ-фарҳангӣ ворид шуда буд.

Шаҳри қадимаи Саразм мансуб ба аҳди биринҷӣ буда, яке аз намунаҳои олии шаҳрсозӣ ва шаҳрдории тоҷикон ба шумор меравад. Он ҳудуди 100 гектарро дар бар мегирад.

Ҳамзамон соли 2013 ёдгории табиию фарҳангии Парки миллии Тоҷикистон ба феҳристи ҷаҳонӣ сабт шуда буд.

То ин муддат намунаи олии мероси фарҳангиву таърихии моддию ғайримоддии тоҷикон, аз ҷумла «Чакан», «Оши палов», «Шашмақом», «Рубоб», «Наврӯз», «Фалак», «Саразм» ва ғайра ба Феҳристи мероси ҷаҳонӣ ворид шудаанд.

## ЮСУФ РАҲМОН БА ФАРОНСА РАФТ

**Прокурори генералии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон бо Стивен Кавана, муовини Котиби генералии Ташкилоти байналмилалии пулиси ҷиноятӣ (INTERPOL) мулоқот карда, масъалаҳои ҳамкории дуҷонибаро баррасӣ намуд.**

Тавре аз Прокуратураи генералии Тоҷикистон хабар доданд, мулоқоти ду ҷониб 18-уми сентябр дар шаҳри Лиони Фаронса баргузор гардид.

Масъалаҳои марбут ба кофтукови байналмилалии ҷинояткорон мавзуи асосии ин мулоқот будааст.

"Дар рафти мулоқот истифодаи бурҷҳои гуногуни INTERPOL ҳангоми кофтукови категорияҳои гуногуни ҷинояткорон ва шахсони бедарак гумшуда, пешгирии сафари террористон тавассути сарҳадҳои кишварҳои аъзои INTERPOL, пайвастагии доимии Тоҷикистон ба махзанҳои иттилоотии INTERPOL ва дигар масъалаҳои боиси таваҷҷуҳи якдигар баррасӣ карда шуданд",- хабар медиҳад манбаъ.

Ҳамчунин, мулоқотҳои ҷудогонаи мутахассисони ду ҷониб оиди ба махзанҳои INTERPOL ворид намудани шахсони ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ-террористӣ содирнамуда ва дар кофтукови байналмилалӣ қарордошта сурат гирифтааст.

Айни замон Тоҷикистон тавассути INTERPOL 39 шаҳрванди худро ҷустуҷӯ мекунад, ки бештари онҳо барои содир кардани ҷиноятҳои марбут ба терроризму экстремизм айбдоранд.

Ёдовар мешавем, ки Ташкилоти байналмилалии пулиси ҷиноятӣ ё худ INTERPOL аз соли 1956 фаъолият карда, вазифаи асосиаш якҷоя будани кишварҳои аъзо бар зидди ҷиноятҳои умумӣ аст.




## НИГАРОНӢ ВА ШОДИИ ШОҲРУХ САИДЗОДА

**Дар арафаи оғози бозиҳои Лигаи қаҳрамонҳои КФО-2023-24, президенти тими "Истиқлол"-и Душанбе назару интизориҳояшро аз ин мусобиқа баён дошт.**

Президенти "Истиқлол" Шоҳрух Саидзода нигаронӣ кард, ки тим дар қуръакашӣ дар гурӯҳи пуркувваттарин ҷойгир шуд, аммо аз сӯи дигар инро шодиовар хонд.

"Дидани Роналду ва дигар ситораҳои ҷаҳон дар майдон дар Душанбе эҳсосоти фараҳбахшу хубе аст, аз ин рӯ, сарфи назар аз душвории бозӣ, "Истиқлол" кӯшиш мекунад, ки худро шоистa нишон диҳад", - гуфт ӯ.

Вай Криштиану Роналдуро шоҳи футбол хонда, афзуд, ки омадани ӯро мухлисон аз тамоми ҷаҳон орзу доранд ва барои мухлисони футбол дар Тоҷикистон ин ба воқеият табдил меёбад.

Ба гуфтаи Саидзода, ин мавсим на танҳо барои даста, балки барои тамоми футболи тоҷик муҳим хоҳад буд, чун бошгоҳҳои пурқуввтарини Осиё ба Тоҷикистон меоянд.

"Ман футболро бе Роналду тасаввур карда наметавонам. Ман муддати тӯлониест, ки мухлиси ин футболбози воқеан бузург ҳастам. Криштиану ҳамсинни ман аст. Насли ман дар ҳамон фазои футболие ба воя расидааст, ки Роналду бозияшро шурӯъ намуд ва имрӯз ӯро ҳаводорӣ менамоянд", - гуфт ӯ.

Тибқи натиҷаи қуръакашии марҳилаи гурӯҳии Лигаи қаҳрамонҳои Осиё-2023-24 қаҳрамони Тоҷикистон "Истиқлол" дар гурӯҳи "E" бо "Персеполис" (Эрон), "Ал-Духайл" (Қатар) ва "Ан-Наср" (Арабистони Саудӣ) зӯр меозмояд.

# САРИ САБЗ



**Мавлуда ҲАИТОВА, ҳунарманд аз шаҳри Турсунзода**

**- Аз кормандӣ оддӣ то ба вазифаи директор дар соҳаҳои мухталиф кор кардам. Хеле чизҳоро аз даст додам ва низ ба дастовардҳо ноил шудам. Ягона чизе, ки касе аз ман гирифта натавонист ва наметавонад бигирад, ин ҳунари ман аст.**

*- Ин қадар зудбовар нашавед, боз ҳадафи чашми ҳасудон қарор нагиред. Дунёи бахилону ҳасудон ғализ аст, кӯшиш мекунанд ҳатто ҳамон ҳунарро ҳам аз соҳибаш бигиранд.*



**Нуъмон ҒАФУРОВ, наққош аз шаҳри Истаравшан**

**- Чун бобои падариам кулолгар ва бобои модариам мисгар буданду дар кӯзаву табақ ва ҳар чизи офаридаашон аз нақшҳои гуногун истифода мебурданд, ба эҷодашон бо шавқ нигариста, мехостам мисли онҳо ҳунарманд шавам.**

*- Пас чаро имрӯзҳо аз зарфҳои чиниву ким-кадом давлати дигар истифода мебарем? Ё нафаре нест, ки ба эҷодатон бо шавқ нигараду мисли шумо ҳунарманд шавад?*



**Санора КИРСАНОВО, ҳунарпешаи тоҷики муқими Русия**

**- Касоне ҳастанд, ки аз ман пуштибонӣ мекунанд, аммо боз ҳастанд афроде, ки аз оянда ман шакку шубҳа доранд. Аммо ман як хислати қавӣ дорам - бароям ҳаргиз муҳим нест, ки мардум дар мавриди ман чӣ фикр дорад.**

*- Ана ҳамин коратон он қадар хуб не-дия! Нисбати фикри мардум беаҳамиятӣ кардан гиред, шояд ҳамон нафарони пуштибон ҳам аз пуштибонӣ даст кашанд.*

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР НЮ-ЙОРК

## Аз дидори сарони ОМ бо Ҷо Байден то мулоқот бо Раисиву Ҷабборов

**18-уми сентябр Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар иҷлосияи 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ва Вохӯри сарони давлатҳои "Осиёи Марказӣ - ИМА" ба шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Америко сафар кард. Дар ин сафар, ки то 21-уми сентябр идома намуд, Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо раиси СММ Антонио Гутерриш, Президенти Эрон Иброҳими Раисӣ ва Президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов дидору мулоқот намуд.**




### Лаҳзаи таърихӣ

Ҷо Байден, президенти Америко рӯзи 19-уми сентябр дар Ню-Йорк бо сарони панҷ кишвари Осиёи Марказӣ мулоқот кард. Вохӯрии ӯ бо Эмомалӣ Раҳмон, Шавкат Мирзиёев, Содир Ҷабборов, Қосимҷомарт Тоқаев ва Сардор Бердимуҳаммадов дар қолаби "C5+1" доир шуд.

Кохи Сафед дар хабарномаи худ ҳамчунин гуфт, раиси ҷумҳури Америко ин нишастро, ки барои аввалин бор дар ин сатҳ баргузор мешавад, "лаҳзае таърихӣ" тавсиф кард. То ҳол дар доираи C5+1 вазирони корҳои хориҷӣ ба ҳам меомаданд.

"Фикр мекунам, ки ин як лаҳзаи таърихӣ аст. Мо бар пояи робитаҳои наздики Осиёи Миёна ва ИМА, ки солҳои тӯлонӣ идома дорад, ҳамкорӣ мекунем, ки ба уҳдадориҳои муштараки мо ба истиқлол ва тамомияти арзӣ асос ёфтааст",- гуфтааст Ҷо Байден.

Ҷо Байден ишора кард, ки ин талошҳо шомили тақвияти ҳамкориҳои зидди терроризм, афзоиши маблағгузории амниятии Америко дар минтақа ва робитаҳои тиҷоратии нав бо бахши хусусии Америко аст.

### Эмомалӣ Раҳмон дар C5+1

"Натиҷаҳои мулоқоти имрӯза ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо дар формати "Осиёи Марказӣ - ИМА" мусоидат хоҳад кард",- гуфт президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин нишасти сарони кишварҳои C5+1.

Президенти Тоҷикистон оид ба истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон, истеҳсоли "неруи сабз", ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳалли масоили глобалӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим ва таъсири он, обшавии пиряххо ва дигар мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ба рушду пешрафти кишварҳо монеаи ҷиддӣ эҷод мекунанд, андешаронӣ кардааст.

Ӯ ҳамчунин доир ба афзоиши чолишҳо ва таҳдидҳо, мубориза бо терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, таъмини амнияти минтақавӣ, вазъи сиёсии Афғонистон ва ҳифзи сарҳади давлатии Тоҷикистон сухан ронда, дар ин раванд ҳамкорӣ ва мусоидати шарикони байналмилалиро зарур шуморид.

"Тоҷикистон иқтидори логистикии худ, аз ҷумла 6 пул дар марз бо Афғонистонро барои расонидани кумаки башардӯстона ба аҳолии кишвари ҳамсоя пешкаш намуда, неруи барқ ва тавассути бозорҳои наздисарҳадӣ, ки фаъолияташон аз нав ба роҳ монда шуд, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи ғизоӣ содирот мекунад",- гуфтааст Эмомалӣ Раҳмон.

Ӯ гуфтааст, ки субот дар Афғонистон омили муҳими рушди робитаҳои байниминтақавӣ мебошад, аз ин рӯ, мо манфиатдор ҳастем, ки сулҳу субот дар ин кишвар ҳарчи зудтар барқарор шавад.





### Ваъдаи Байден

Раиси ҷумҳури ИМА Ҷо Байден ба ҳамтоёни худ барои шарикӣ дар масъалаҳои амнияти минтақа изҳори сипос кард ва ваъда дод, ки ҳамкориҳоро дар заминаи амнияти марз, мубориза бо терроризм ва ҳифзи қонун идома хоҳад дод.

Вай қайд кард, ки "аввал, мо ҳамкориҳои худро дар мубориза бо терроризм, аз ҷумла афзоиши маблағгузории ИМА дар соҳаи амнияти Осиёи Марказӣ таҳким мебахшем".

"Дуюм, мо робитаҳои иқтисодии минтақаро таҳким мебахшем. Масалан, мо як платформаи нави тиҷоратӣ эҷод карда истодаем, ки фаъолияти дипломатии моро пурратар мекунад ва бахши хусусии моро барои рушд беҳтар мепайвандад",- гуфт ӯ.

Ба гуфтаи ӯ, барои таъсиси он USAID конфронси минтақавии C5+1-ро дар яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ моҳи октябри соли ҷорӣ ташкил мекунад.

Дар ин замина, Иёлоти Муттаҳида пешниҳод кард, ки Муколамаи C5+1 оид ба маъданҳои муҳимро барои коркарди сарватҳои бузурги маъданҳои Осиёи Марказӣ ва беҳбуди амнияти маъданҳои муҳим роҳандозӣ кунад.

Бояд зикр кард, ки дар пайи Вохӯрии сарони давлатҳои "Осиёи Марказӣ - Иёлоти Муттаҳидаи Америко" Эъломияи сарони давлатҳо қабул гардид, ки дар он масъалаҳои мубрами ҷаҳонию минтақавӣ ва самтҳои асосии ҳамкориҳо байни кишварҳои ин ҳамоиш дарҷ шуданд.

### Умед ба рушди устувор

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 19-уми сентябр дар ҳамоиши Ҳадафҳои рушди устувор дар Ню-Йорк суханронӣ кард. Дар суханронии худ ӯ зарурати афзоиши ҳаҷми кумак ба рушдро таъкид кард. Дар ин бора хадамоти матбуоти сарвари давлат иттилоъ медиҳад.

"Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд возеҳ дарк намояд, ки мавзуи маблағгузорӣ барои рушд аз омилҳои муҳими раванди ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди устувор маҳсуб мёбад. Воқеияти феълии ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки сохтори низоми байналмилалии молиявӣ таҷдид гардад",- гуфт Эмомалӣ Раҳмон.

Ба гуфтаи ӯ кишварҳоро зарур аст, ки сиёсати масъулиятноки пулию қарзиро роҳандозӣ карда, ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодиро тақвият бахшанд, то барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҷиҳати татбиқи Рӯзномаи 2030 фазои мусоиди байналмилалӣ фароҳам оварда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин зикр кард, ки бо дарназардошти хатару таҳдидҳои имрӯза ҷумҳурӣ аз иқдомоти вижаи ба рушд нигаронидашуда ҷонибдорӣ мекунад.

### Мулоқот бо Раисӣ ва Ҷабборов

Ҳамчунин, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорк бо раисҷумҳури Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ мулоқот намуд. Дар мулоқот таҳкими минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Эрон ва масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар ин бора хадамоти матбуоти сарвари давлати Тоҷикистон иттилоъ медиҳад.

Дар мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов бошад, масоили ҳамкории дуҷониба баррасӣ гардидааст. Дафтари матбуоти раисиҷумҳури Тоҷикистон дар бораи ҷузъиёти бештари мулоқот хабар надодааст.

Дар ҳамин ҳол, хабаргузории Kabar.kg хабар медиҳад, ки "Содир Ҷабборов ва Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Қирғизистону Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар мавзуъи дигар табодули назар карданд".

Ҳамчунин, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи мубоҳисаҳои умумии иҷлосияи 78-уми Маҷмаи умумии СММ бо раисҷумҳури Алҷазоир Абдулмаҷид Таббун низ мулоқот кард.

**О. НОЗИР**

# ЧАРО ИЗҲОРОТИ ТОШИЕВ БАРОИ МИНТАҚА ХАТАРНОК АСТ?

## Шарҳи коршиносӣ бар моҳияти "ҳуҷҷатҳои нав" ва паёму паёмадҳои даъвои навбатии мақоми баландпояи ҳамсоя дар масъалаҳои марзии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон



**Абдуллоҳи РАҲНАМО, коршиноси масоили сиёсӣ ва байналмилалӣ**

*15 сентябр, як рӯз баъд аз сафари президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов ба Тоҷикистон ҷиҳати иштирок дар нишасти навбатии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Қирғизистон Қамчибек Тошиев дар масъалаи марз “даъвои” нав” пеш овард.*

*Қамчибек Ташиев зимни ифтитоҳи биное дар вилояти Ботканд гуфт, ки “ба наздикӣ санадҳои нав пайдо шуданд ва тибқи он муайян шудааст, ки заминҳои зиёди қирғизҳо ба Тоҷикистон гузаштаанд”. Ин изҳороти Тошиев дар Тоҷикистон сарусадои зиёдеро ба бор овард. Коршиноси масоили сиёсӣ ва байналмилалӣ Абдуллоҳи Раҳнамо, ки масъалаи марзи Тоҷикистону Қирғизистонро солҳои охир таҳқиқ мекунад, мақолае таълиф кардааст, ки онро манзури шумо мекунем.*

**АЗ ИДОРА**

Изҳороти раиси Кумисюни давлатии Қирғизистон оид ба ҳалли масъалаҳои марзӣ ва раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии ин кишвар Қамчибек Тошиев аз 15-уми сентябри соли 2023 дар бораи дурнамои музокироти сарҳадӣ байни Тоҷикистон ва Қирғизистон метавонад паёму маънoҳои ҷиддӣ низ дошта бошад. Хоса бо назардошти се нуктаи зерин метавон ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуд:

**АВВАЛ**, бар хилофи фазову интизорҳо, ҳамагӣ як рӯз пас аз сафари президенти Қирғизистон ба Тоҷикистон, мулоқоти рӯ ба рӯи ӯ бо президент Эмомалӣ Раҳмон, таъкиди роҳбарони ду кишвар бар “пайвандҳои чандинасраи дӯстӣ ва ҳамсоягии неки ду халқ” ва идомаи муколимаҳои сатҳи олӣ, дар чунин сатҳи баланд садо додани ин изҳорот метавонад ба ихтилофи назари амиқ дар роҳбарияти Қирғизистон ё пеш омадани мушкилоти ҷиддӣ дар раванди ҳалли масъалаи марзӣ миёни ду кишвар ишора намояд.

**ДУЮМ**, хоса дар рӯзи дувуми Нишасти сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ва гузоштани қадами навин дар раванди ҳамгароии мустақилонаи минтақаӣ дар чунин сатҳ садо додани чунин изҳороти хасмона аз сӯи роҳбарияти яке аз кишварахои иштирокдори нишаст метавонад ба паёму пайомади васеътар ва решаву ҷанбаҳои берунтари ин мавзеъгирӣ низ далолат намояд.



**СЕЮМ**, иштироки маҳдуди президенти Қирғизистон дар нишасти Душанбе, вокуниши фаврии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ба изҳороти мансабдори ҳамсоя ва ба ВКХ даъват шудани сафири Қирғизистон дар Душанбе, ки ҳамагӣ як рӯз пас аз мулоқоти сатҳи олии ду кишвар рух медиҳад, низ метавонад нишони ҳассосияти вазъияти атрофи мавзуъ бошад.

Таъкиди ошкор ва таҳдидомези Қамчибек Тошиев ба кофӣ будани нерӯ ва имкониятҳои кишвараш барои бозгардондани заминҳои мавриди назараш низ метавонад асоснокии се нуктаи болоро тақвият диҳад.

Аз ин рӯ, аз назари замон, макон, мазмун, сатҳ ва тарзи баёни ин изҳорот, бе шубҳа метавон гуфт, ки он барои ҳалли масъалаи марзҳо, барои муносибатҳои ду кишвари ҳамсоя ва умуман, барои минтақаи Осиёи Марказӣ паёму пайомади мусбате надошта, фазои нисбатан оромгаштаи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бори дигар ба чолиш рӯ ба рӯ кард.

Тавре дар хабари ВКХ-и Тоҷикистон ишора шудааст, чунин изҳорот, пеш аз ҳама эътимоди нисбию кории пешомадаро дар ин раванд зери савол мегузорад. Вокунишҳои доираҳои сиёсию таҳлилӣ ва фазои иттилоотии Тоҷикистон ва минтақа низ дақиқан ҳамин шикасти дубораи эътимодро нишон медиҳанд. Ҳолате, ки ҳоло ба нафъи ҳалли масъала ва ба манфиати ҳар ду кишвар ва фазои ҳамгароии минатқавӣ нест.

***

Аммо дар канори ин ишораи бисёр мухтасар ба паёму пайомади манфии сиёсии изҳороти ахири Қамчибек Тошиев, мехостам шарҳи коршиносиеро нисбат ба як нуктаи бисёр ҷиддӣ ва нави он пешниҳод намоям. Сабаби таъкид ба “шарҳи коршиносӣ” будани ин навишта дар он аст, ки назару мавқеи расмии Тоҷикистон дар ин масъала аз ҷониби ниҳоди ваколатдори кишвар - ВКХ ҶТ ба таври дақиқ баён шудааст. Аз ин рӯ, гарчи шарҳу навиштаи поин аз назари мазмуну моҳият ифодаи мустақими манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манфиати умумии кишварҳои минтақа аст, аммо аз назари мақоми ҳуқуқии сухан маҳз назари коршиносии банда мебошад: назари пажуҳишгари мавзуъ ва муаллифи китоби ҳуҷҷатӣ-таҳлилии “Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?”.

Манзур ин буд, ки нуктае, ки дар изҳори ахири мақоми баландпояи Қирғизистон бояд аз диди ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба он таваҷҷуҳи хоса дода шавад, даъвои ёфтани “ҳуҷҷатҳои нав” дар бораи гӯё даҳҳо ва садҳо сол пеш ба Тоҷикистон дода шудани бисёре аз заминҳои қирғизҳо ва сухан аз даъво ва бозгардонии онҳо мебошад. Зеро агар ин даъво ва ин тарзи гузориши масъала то рӯи мизи музокироти расмии дуҷониба ояд, он моҳият ва дурнамои ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ байни ду кишварро на танҳо комилан тағйир медиҳад, балки ба бунбасти ниҳоӣ ва барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ бисёр хатарнок ворид месозад.

Моҳияти масъала дар он аст, ки тақсимоти миллию ҳудудии минтақаи Осиёи Марказӣ, ки солҳои 1924-1932 аз тарафи давлати Иттиҳоди Шуравӣ амалӣ шудааст, дар ҳамон замон тамоми марҳилаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии худро гузашта, ҳамчун раванди сиёсию ҳуқуқию таърихӣ ба анҷом расида, дар доираи ҳамон низомҳои сиёсию ҳуқуқӣ расмияти комил ёфтааст. Ҳамаи панҷ давлати мустақили минтақа, яъне Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон, ки дар асоси ҳамин тақсимот ҳамчун давлатҳои имрӯза таъсис шудаанд, ин воқеиятро пазируфта, тақсимот ва марзҳои давлатии бавуҷудомадаро, ки дар он марҳилаи таърихӣ дар доираи қонунгузории ИҶШС шакли ниҳоӣ гирифта, дар шартномаҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи давраи истиқлоли онҳо низ сабт гаштаанд, пурра эътироф менамоянд. Дар кул, асоси ҳуқуқию сиёсии мавҷудияти давлатии худи ин панҷ кишвар низ маҳз эътирофи комили ин тақсимот ва ин сарҳадҳо мебошад.

Дар айни замон, эътироф накардани ин сарҳадҳои расмии тасдиқшуда расмияти тамоми тақсимоту ҳудудҳои дигари минтақаро низ барҳам зада, даҳҳо қарори дигарро беқурб намуда, раванди хатарнокеро дар минтақа оғоз мегузорад. Ин аст, ки Тоҷикистон низ тақсимоти миллию ҳудудии солҳои 1924-1932-ро эътироф намуда, сарҳадҳои расмию қонунии тамоми кишварҳои минтақаро, ки дар он тақсимот шакл гирифтаанд, дар ҳамон шаклу ҳудуд дахлнопазир мешуморад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар баҳсҳои сарҳадӣ байни Тоҷикистон ва Қирғизистон бояд ҳамаи иштирокчиён ва фазосозон ин се нуктаи бисёр муҳими усулиро дар назар дошта бошанд:

Нуктаи якум, дар баҳсҳои сарҳадии имрӯза ҳаргиз масъалаи “барқарории адолати таърихӣ”, вазъияти “садҳо сол пеш”, муайянсозии “сарзаминҳои аҷдодӣ” ва исботи ҳақи таърихию воқеии миллатҳо бар ҳудудҳои мушаххаси минтақа дар миён нест. Зеро агар дар ин баҳс чунин мавқеъ ва меъёр пеш гирифта шавад, тоҷикон ва Тоҷикистон метавонанд ба ниме аз Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла, ба ниме аз ҳудуди имрӯзаи Қирғизистони ҳамсоя даъвои барҳақи таърихию тамаддунӣ намоянд. Зеро ҳар варақи таърихи ин сарзаминҳо ба ҳақу ҳузури бисёрҳазорсолаи тоҷикон дар онҳо ишора мекунад ва садҳо ҳуҷҷати таърихӣ онро исбот менамоянд. Бинобар ин, бардоштани баҳси “ҳақиқати таърихӣ” ва вазъияти “садҳо сол пеш” дар муносибатҳои байниҳамдигарии кишварҳои минтақа домани мавзуъро ниҳоят васеъ ва баҳси сарзаминиро ниҳоят печида намуда, ҳаргиз амалӣ ва созанда намебошад.

Нуктаи дуюм, ҳамаи баҳсу масъалаҳо байни ду кишвар маҳз бо шарти эътирофи тақсимоти миллию марзии солҳои 1924-1932 ба миён гузошта мешаванд, зеро дар сурати инкори натиҷаҳои ин тақсимот, мавзуи музокирот умуман аз миён рафта, вазъият ба ҳолати таърихии “то Шуравӣ” баргашта, худи мавҷудияти ҳуқуқии кишварҳои имрӯза зери савол мемонад.

Ин аст, ки ҷониби Тоҷикистон дар музокироти сарҳадӣ ҳоло на “барқарории адолати таърихӣ”, “бозгардонидани заминҳои аҷдодӣ” ё ислоҳу бознигарии тақсимоти миллию ҳудудии солҳои 1924-1932, балки, баръакс, риояти он ва барқарории комили натиҷаҳои онро талаб менамояд. Бо назардошти ин назокату воқеиятҳо Тоҷикистон дар музокироти марзӣ бо Қирғизистон маҳз ба “ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1929 ва соли 1932” такя мекунад ва ба ин назар аст, ки танҳо дар асоси ин ҳуҷҷатҳо метавон сарҳади расмии байни ду давлатро дар ин минтақа муайян намуд. Зеро "ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927, 1929 ва 1932" ягона бастаи ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки дар онҳо сарҳадҳои давлатии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон дар давраи таъсиси ин давлатҳо ба таври дақиқ ва расмӣ муайян ва тасдиқ карда шудааст.

**(Давомаш дар саҳ.5) ------>**

*Театр*



## ОҒОЗИ МАВСИМИ НАВИ ТЕАТРӢ ДАР ДУШАНБЕ

**Дар шаҳри Душанбе мавсими нави театрӣ оғоз шуд ва театрҳои шаҳр намоишномаҳои нав ва беҳтарини худро рӯи саҳна мегузоранд.**

### 19-уми сентябр

Мавсими нави театриро нахустин шуда Театри тамошобини ҷавони “Аҳорун” оғоз кард ва намоишномаи маъруфи “Исфандиёр”-ро, ки таҳияи коргардони номвар Фаррух Қосим аст, ба саҳна гузошт.

### 20-уми сентябр

Театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов дар мавсими нави театрӣ намоишномаи “Зани оҳанин”-ро ба намоиш гузошт. Ин намоишномаро Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон ва коргардони шинохта Мирзоватан Миров таҳия кардааст.

### 23-юми сентябр

Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ бо консерти “Ширин Власенко” мавсими нави худро оғоз мебахшад ва он соати 18:00 ба саҳна гузошта мешавад.

### 26-уми сентябр

Театри давлатии академӣ-драммавии ба номи Лоҳутӣ мавсими навро бо намоишномаи ҷадид оғоз менамояд. Намоишномаи мазҳакавии “Арвоҳи беқарор”-ро саркоргардони театри мазкур Султон Усмонов таҳия кардааст ва нахустнамоиши он соати 17:30 дақиқа баргузор мегардад.

### 30-юми сентябр

Театри давлатии драмаи русии ба номи Владимир Маяковский бо намоишномаи “Мастер и Маргарита” мавсими нави театриро оғоз мекунад. Ин намоишнома дар охирин фестивали “Парасту-2023” соҳиби Шоҳҷоиза гардида буд.

Интизор меравад, ки ҳар як театри кишвар дар мавсими нав дастикам 4 намоишномаи тоза пешкаши ҳаводорон гардонад.

Бояд гуфт, ки дар саросари Тоҷикистон 18 театр фаъолият мекунанд. Дар хусуси театрҳои музофотӣ, ки мавсими нави театриро кай ва бо кадом намоишнома оғоз мекунанд, ҳоло маълумот дастрас нест.

*Маориф*

## ОМӮЗГОРИ СОЛ ИНТИХОБ ШУД

**Омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Сиротулло Зоиров дар даври шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори сол-2023» ғолиб дониста шуд.**

Сиротулло Зоиров номзади илмҳои педагогӣ, сазовори ҷойи дуюм дар даври ҷумҳуриявии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз рӯйи номинатсияи «Хондан ва аз ёд намудани осори адибони классик» мебошад.



Сиротулло Зоиров фаъолияти хуби корӣ дошта, 10 шогирдаш дар даври ноҳиявӣ (4 медали тилло, 4 медали нуқра, 2 медали биринҷӣ), даври шаҳрӣ (1 медали тилло, 4 медали нуқра, 5 медали биринҷӣ) ва дар даври ҷумҳуриявӣ (2 медали тилло, 1 медали нуқра, 5 медали биринҷӣ)-и олимпиадаҳои фаннӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ шудаанд.

То инҷониб муаллифи 3 дастури методӣ - «Мавзуҳои коркардшуда барои соатҳои тарбиявӣ», «Ҳувият», «Боргоҳи маърифат», 1 маҷмуаи шеърҳои «Номаи нахустин» ва 36 мақола мебошад.

*Шаҳрдорӣ*

## ДАР ДУШАНБЕ МАРКАЗИ ИНТИҚОЛИ ТЕХНОЛОГИЯ БОЗ МЕШАВАД



**Ҷамшед Табарзода, муовини якуми раиси шаҳри Душанбе бо директори генералии Маркази чинии интиқоли технологияи давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай Ҷао Ҷунюан мулоқот намуд.**

Дар рафти мулоқот масъалаҳои ҳамкории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Маркази чинии интиқоли технологияи давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҷамшед Табарзода роҳандозии робитаҳоро дар соҳаҳои фанноварӣ, рақамикунонии соҳаҳои мухталифи идораи шаҳрӣ, тадбиқи лоиҳаҳои муштарак ва омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳавиро таъкид намуд.

Ҷао Ҷунюан бошад, оид ба ифтитоҳи намояндагии Маркази чинии интиқоли технологияи давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Душанбе изҳор дошт.

*Адабиёт*

## «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ» ДАР ПОЙТАХТ ҶАМЪБАСТ ШУД

**Дар даври шаҳрии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз чор ноҳияи пойтахт 411 нафар довталаб, аз ҷумла 230 нафар зан иштирок намудаанд.**

Дар озмуни мазкур аз шумораи 411 нафар иштирокчӣ 220 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 101 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, аспиранту докторант ва 90 нафар омӯзгорон, кормандон, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун буданд.

Дар натиҷаи холгузории ҳайати ҳакамон 120 нафар иштирокчиён аз рӯи номинатсияҳо бо ҷойҳои ифтихорӣ, аз ҷумла 20 нафар сазовори ҷойи якум, 40 нафар - ҷойи дуюм ва 60 нафар - ҷойи сеюм гардида, ба ғолибони ҷойҳои якум 20000 сомонӣ, ҷойҳои дувум 15000 сомонӣ ва ҷойҳои сеюм 10000 сомонӣ мукофотпулӣ ва диплом тақдим шуд.

Ҳамзамон 33 нафар дигар довталабон бинобар холҳои баландро сазовор гардидан бо ифтихорномаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қадрдонӣ шуданд.

## ЧАРО ИЗҲОРОТИ ТОШИЕВ БАРОИ МИНТАҚА ХАТАРНОК АСТ?

<------ (Аввалаш дар саҳ.4)

Агар ҷониби ҳамсоя мавзуи баҳсро ба марҳилаҳои то 1932 ё пештар аз он барад, он мавзую моҳияти музокиротро комилан тағйир дода, метавонад тамоми бофти сиёсӣ ва марзҳои ҳуқуқии минтақаро пурра зери савол гузорад.

Ҳарчанд чунин манзараи марзҳо ҳанӯз дар доираи Иттиҳоди Шуравӣ байни Русия ва Ӯзбекистон тақсиму тасдиқ гаштааст, он тақсимотро ҳар ду ҷумҳурӣ (Тоҷикистон ва Қирғизистон) расман ба мерос гирифтаанд.

Илова бар ин, дар тамоми давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва пас аз истиқлоли давлатии кишварҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон, яъне аз соли 1932 то имрӯз ягон ҳуҷҷати дигари муайянкунандаи сарҳади давлатии байни ин ду давлат дар ин минтақа ба тариқи расмиёти муқарраршуда дар сатҳи байниҷумҳуриявӣ ва сатҳи давлатии ИҶШС қабул нашудааст.

Бинобар ин, бори дигар таъкид мешавад, ки агар ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1929 ва 1932, ки ҳуҷҷатҳои расмии таъсисии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ҳастанд, эътироф нагарданд ва сарфи назар шаванд, вазъияти сарҳадҳо ба ҳолати таърихии то барқарории Иттиҳоди Шуравӣ бармегардад. Яъне он гоҳ сухан аз марзҳои Аморати Бухоро ва Русияи подшоҳӣ ва ҳатто хонигариҳои Хеваю Хуқанд меравад. Дар чунин сурат ду тараф ҷонибият ё субъективияти худро дар музокироти сарҳадӣ умуман аз даст дода, ҳам мавзуъ, ҳам миқёс ва ҳам қоидаҳои музокирот комилан дигар мешаванд.

Аз ин рӯ, ҳуҷҷатҳои мазкур, гарчи аз назари сарнавишт ва ҳақи таърихии тоҷикон дар минтақа ҳаргиз одилона нестанд, феълан ягона ҳуҷҷати такягоҳӣ барои мавзуият, ҷорчӯб ва мазмун пайдо кардани музокироти марзӣ байни ин ду кишвари мушаххас мебошанд.

Нуктаи сеюм, бо таваҷҷуҳ ба ду нуктаи боло, баҳс ва даъвои Тоҷикистон дар музокироти сарҳадӣ бо Қирғизистон танҳо масъалаи заминҳоеро дар бар мегирад, ки кишвари ҳамсоя маҳз пас аз анҷоми ин тақсимот ва пас аз тасдиқи расмии сарҳадҳои байни ду кишвар, солҳои баъдӣ қадам ба қадам аз худ намудааст. Яъне, дар ин баҳс ягон бахш аз он 211 000 га замине, ки Тоҷикистон онро дар асоси тақсимоти зикршуда ҳаќи худ мешуморад, ба ҳудудҳои расмии Қирғизистон то соли 1932 дохил нашуда, маҳз пас аз анҷоми тақсимоти марзӣ ва дар даҳсолаҳои баъдӣ ба ихтиёрдории кишвари ҳамсоя гузаштаанд.

Ин аст, ки мавзуи баҳси марзии Тоҷикистон ва Қирғизистон бисёр мушаххас буда, танҳо ба заминҳое тааллуқ дорад, ки пас аз анҷоми тақсимоти миллию марзии зикршуда, яъне пас аз соли 1932, аз ҳисоби заминҳои қонунии Тоҷикистон дар ихтиёри кишвраи ҳамсоя қарор гирифтанд. Ин марзи мушаххаси гуфтугӯ бояд ҳам аз ҷониби кишвари ҳамсоя ва ҳам аз сӯи иштирокдорони фазои сиёсию иттилоотии минтақа ба таври дақиқ дарк шавад.

***

Аз ин рӯ, дар бораи даъвои нав ва “ҳуҷҷатҳои нав”-и ҷониби ҳамсоя бояд гуфт, ки дар фосилаи аз соли 1932 то 2023, ки мавзуъ ва замони таърихии мавриди музокираи ду ҷониб аст, ҳеҷ ҳуҷҷати наве, ки ба Тоҷикистон додани заминҳои Қирғизистонро исбот кунад, вуҷуд надорад ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Ин масъала борҳо баррасӣ гашта, тамоми бойгониҳои мавҷудаи ду кишвар ва фазои Шуравии собиқ ба таври зарурӣ омӯхта шудаанд. Бинобар ин, музокироти марзӣ танҳо дар бораи марҳилаи замонии байни соли 1932 (анҷоми тақсимоти расмӣ) то 2023 (имрӯз) маъно пайдо карда, мавзуъ ё предмети он танҳо заминҳои дар ҳамин фосила азхудшуда мебошанд.

Аммо тавре гуфта шуд, агар ҷониби ҳамсоя мавзуи баҳсро ба марҳилаҳои то 1932 ё пештар аз он барад, он мавзую моҳияти музокиротро комилан тағйир дода, метавонад тамоми бофти сиёсӣ ва марзҳои ҳуқуқии минтақаро пурра зери савол гузорад. Чунин гузориши масъала дасти ҳамаи кишварҳои минтақа, аз ҷумла дасти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳам барои даъвоҳои таърихӣ дар бораи сарзаминҳои аҷдодию таърихӣ боз мекунад. Вазъияте, ки метавонад фазою суботу амнияти минтақаро барои дарозмуддат барҳам занад.

Ва муҳимтар аз ҳама, агар баҳси марзҳо ба мавзуи “ҳақиқати таърихӣ”, “заминҳои аҷдодӣ” ва вазъияти “садҳо сол пеш” кашида шавад, бозандаи асосии он маҳз худи он даъвогарон хоҳанд буд, зеро дар он замонҳо дар ин минтақа аз ин қавм ва хоса аз замину давлати он ному нишоне набудааст. Тамоми ҳуҷҷатҳои наву куҳнаи таърихӣ, аз ҷумла осори илмию таҳқиқӣ ва изҳороти расмии бузургони худи ин қавми ҳамсоя танҳо ҳамин ҳақиқатро исбот карда метавонанд.

Бинобар ин, танҳо дар доираи марҳилаи зикршудаи таърихӣ ҳал шудани масъалаи марзҳо ба суди ду кишвар ва минтақа хоҳад буд.

*Нигаронӣ*



# БОХТАР: КАЛОНТАРИН КОРХОНАИ САНОАТӢ АЗ КОР МОНД

**Бузургтарин корхонаи саноатии шаҳри Бохтар - ҶСК "Трансформатор" аз фаъолият бозмондааст. Дар ин бора як манбаъ аз ин коргоҳ ба pressa.tj хабар дод.**

Ба гуфти ин манбаъ, айни замон дар анбори ин корхонаи азими саноатӣ беш аз 290 тародеситор (трансформатор)-и тавлидшуда бехаридор аст.

Афзал Юсуфзода, мудири шуъбаи иктисод ва савдои МИХД-и шаҳри Бохтар мегӯяд, сабаб он аст, ки ҶСК "Барқи Тоҷик" шартномаро бо корхонаи ҶСК "Трансформатор" қатъ кард.

"То фаъол будани корхона маҷмуи маҳсулоти саноатии шаҳри Бохтар ҳар моҳ 120-130 дарсад иҷро мешуд. Мутаассифона, чанд моҳи охир ин нишондод 100-101 дарсад иҷро мегардад",- меафзояд Афзал Юсуфзода.

Зикр мешавад, ки дар нимсолаи аввали соли 2022 ҶСК "Трансформатор" ба маблағи 15 миллиону 741 ҳазор сомонӣ маҳсулот тавлид карда буд. Аммо ин нишондиҳанда дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ то ба 7,4 миллион сомонӣ кам шудааст.

Ба гуфтаи Афзал Юсуфзода, ҶСК "Барқи Тоҷик" аз ҶСК "Трансформатор" 20,3 миллион сомонӣ қарздор аст.

Аз сӯйи дигар, Раҷабалӣ Бояков, роҳбари фаннии "Шабакаҳои тақсимоти барқ" дар шаҳри Бохтар зимни нишасти матбуотии ин ниҳод эътироф кардааст, ки ҶСК "Барқи Тоҷик" қарордодашро бо ҶСК "Трансформатор" қатъ кардааст, вале нагуфтааст, ки сабаби қатъи қарордод чист.

Номбурда гуфтааст, ки ҶСК "Трансформатор" аз "Шабакаҳои тақсимоти барқ"-и шаҳри Бохтар 500 ҳазор сомонӣ қарздор аст.

"Аз рӯзе, ки ҶСК «Барқи Тоҷик» қарордодро бо ҶСК «Трансформатор» қатъ кард, ба «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и шаҳри Бохтар трансформатори нав ворид нагардидааст",- гуфтааст Раҷабалӣ Бояков.

Мавриди ёдоварист, ки "Трансформатор" дар шаҳри Бохтар замони шуравӣ яке аз азимтарин корхонаҳои тавлиди трансформаторҳо дар Тоҷикистон буд, ки дар он беш аз ҳазор нафар кор мекарданд.

*Хушхабар*

# ДАСТОВАРДИ ҶАВОНОНИ ТОҶИК ДАР ҶОПОН



**Дар хориҷи кишвар таҳсил намудану кори илмӣ навиштан ва сарбаландона онро ҳимоя намудан кори саҳлу содда нест.**

Боиси сарафрозист, ки чор нафар фарзандони Тоҷикистон - Олия Максудова дар самти Доктори pHd, Таҳмина Толибӣ, Хуршед Наҷмуддинов ва Бахтовар Маҳмадуллозода дар риштаи магистратура Донишгоҳи Укёнуси Ороми Ритсумейкан (APU)-и шаҳри Беппуи Ҷопонро хатм намуда, дар вазъияти тантанавӣ соҳиби диплом гаштанд. Маҳз захмату талошҳои пайваста ва донистани забони англисӣ имкон дод, ки номбурдагон барандаи стипендияи JDS гашта, имконияти таҳсили дусоларо дар яке аз мамлакатҳои пешрафтаи дунё сазовор шаванд. Ба дӯстони азизам, ки хизматчиёни давлатӣ мебошанд, ин дастовардро, ки натиҷаи захматҳои зиёди онҳост тахният гуфта, барору комёбиҳо ба бурдборихои тозаро таманно дорам!

**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА,**
**Ҷумҳурии Ҷопон**

# ОЗМУН ҶАМЪБАСТ ШУД, ҒАФУРОВ ҲАМОНО ЛАТТАПЕЧ

**Дар саросари кишварамон даври сеюми озмуни ""Тоҷикон" - оинаи таърихи миллат" идома дорад, вале 2 сол аст, ки дар шаҳри Бохтар ҳайкали нави устод Бобоҷон Ғафуров латтапеч аст.**



Кай парда аз рӯйи ҳайкали Устод Бобоҷон Ғафуров бардошта мешавад? Дар ин бора борҳо навиштем, вале ҳамоно чора андешида намешавад. Чӣ муаммое ин ҷо ниҳон аст?

**А. САЪДУЛЛОЕВ,**
**шаҳри Бохтар**

# НАШРИ КИТОБИ УСТОД АЙНӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

**Маркази миллию фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон ба ифтихори 145-умин солгарди зодрӯзи сардафтари адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ яке аз шоҳкориҳои ӯ - "Марги судхӯр"-ро нашр кардааст.**

Дар ин бора нашрияи "Овози Самарқанд" иттилоъ дода, афзудааст, ки Айнӣ бо воситаи қиссаи мазкур ҳаёти вокеии як давраи хеле мураккаби халқи тоҷикро инъикос намудааст.

"Марги судхӯр"-и Айнӣ дар силсилаи "Нақҳати сухан", ки осори адибони пешин ва муосирро дар бар мегирад, нашр шудааст. Ин силсила бо ибтикори бонуи равшанзамир Насиба Зайниддинова роҳандозӣ шудааст.




▸▸ *Ҳама чиз дар бораи IT*



*Муаллифи гӯша:*
**Максим ШУМСКИХ,**
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
**Аз ҳама ҷолиб дар Telegram:**
t.me/matador_it

# НАВСОЗИИ СОМОНА. ВАҚТИ ТАҒЙИР ДОДАНИ ҲАМА ЧИЗ КАЙ ФАРО РАСИД?

*«Дирӯз ман доно будам ва барои ҳамин мехостам ҷаҳонро тағйир диҳам. Имрӯз ман хирадманд шудам ва барои ҳамин худамро дигар мекунам".*

**Ҷалолиддини РУМӢ**

Сомона - ин корти тиҷоратии шумо дар Интернет аст. Барои бисёре аз ширкатҳо он як ҷузъи марказии ҳамкории муштариён аст ва метавонад ба таассуроти аввалини онҳо дар бораи шумо таъсир расонад. Бо вуҷуди ин, вақт дар як ҷо намеистад ва сомонаҳо низ мисли ҳама гуна ҳолатҳои технологӣ бо мурури замон кӯҳна мешаванд. Дар ин мақола мо дида мебароем, ки кай ва чаро шумо бояд сомонаи худро аз нав тарроҳӣ кунед.

## НАВСОЗИИ ДИЗАЙН

Дизайн он чизест, ки нахуст ба мизоҷи сомона таассурот мебахшад. Агар сомонаи шумо кӯҳна намояд, ин метавонад ба дарку қабули бренди шумо таъсири манфӣ расонад. Навсозии дизайн бахри эҷоди симои тоза ва муосир барои ширкати шумо кумак мерасонад, ки метавонад муштариёни эхтимолии бештарро ҷалб намояд.

## МУТОБИҚШАВӢ БА ТАЛАБОТИ НАВИ СИСТЕМАҲОИ ҶУСТУҶӮӢ

Мавкеи сомона дар системаҳои ҷустуҷӯӣ омили калидии ҳузури муваффақи онлайнӣ аст. Агар бинед, ки сомонаи шумо дар натиҷаҳои ҷустуҷӯ поин меравад, ин метавонад аломати он бошад, ки талаботи системаи ҷустуҷӯӣ тағйир ёфтааст ва сомонаатон дигар ба онҳо ҷавобгӯ нест. Навсозии сомона ба шумо имкон медиҳад, ки ба талаботи нав мутобиқ шавед ва намоёниро дар натиҷаҳои ҷустуҷӯ афзоиш диҳед.

## НАВСОЗИИ ПЛАТФОРМАИ ТЕХНОЛОГӢ ВА НАРМАФЗОР

Технология бо суръати баланд рушд мекунад ва он чизе, ки чанд сол пеш замонавӣ буд, ҳоло кӯҳна шуда метавонад. Агар сомонаи шумо дар платформаи технологии кӯҳна кор кунад ё нармафзори кӯҳнаро истифода барад, ин метавонад ба фаъолият, амният ва вазифаҳояш таъсири манфӣ расонад. Навсозии сомона ба шумо имкон медиҳад, ки аз технологияҳои нав истифода баред ва кори онро беҳтар созед.

## БЕСАМАРИИ СОМОНА ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ТИҶОРАТ

Сомона бояд василае бошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои тиҷоратӣ мусоидат намояд. Агар бинед, ки сомонаи шумо кори худро иҷро намекунад ё муштариёни кофӣ ҷалб намесозад, ин метавонад аломати он бошад, ки навсозии дубора лозим аст. Ҳадафҳои сомонаи худро аз нав дида бароед ва тағйирот ворид намоед, то ба қонеъ сохтани эҳтиёҷоти тиҷоратӣ ҷавобгӯ бошад.

## ПОИН ШУДАНИ КОНВЕРСИЯ

Конверсия - ин фоизи истифодабарандагони сомона аст, ки амали мақсаднокро анҷом медиҳанд, ба монанди харидани маҳсулот ё пур кардани варақаи тамос. Агар бинед, ки суръати конверсия дар сомонаи шумо коҳиш мёбад, ин метавонад хати сурхе бошад, ки дар сохтору мундариҷаи сомонаи шумо мушкилот вуҷуд дорад. Навсозии сомона ба шумо имкон медиҳад, ки конверсияи онро беҳтар созед ва самаранокии фурӯши онлайниро афзоиш диҳед.

## ХУЛОСАҲО

Ҳамаи омилҳои дар боло зикршуда метавонанд сабаби навсозии сомона гарданд. Нагузоред, ки сомонаи шумо кӯҳна шавад ва бо мушкилоти ҷаҳони муосири онлайнӣ мубориза бурда натавонад. Фаъолияти манбаи интернетии худро бодиққат таҳлил кунед ва онро давра ба давра навсозӣ намоед, то як воситаи муассир барои ноил шудан ба ҳадафҳои тиҷоратиятон бошад!





# РАИСОН ДАР ПАХТАЧИНӢ

**Дар шаҳру навоҳии Тоҷикистон маъракаи густурдаи ҷамъоварии пахта идома дорад. Аҷиб он аст, ки имсол дар баробари деҳқонон мансабдорон ҳам ба маъракаи ҷамъоварии ҳосили пахта баромадаанд.**

Аз ҷумла беш аз 500 нафар кормандони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, соҳаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳангу ҳунар, молия, адибону собиқадорон бо сарварии раиси вилоят Раҷаббой Аҳмадзода ба кумаки пахтачинҳо рафтаанд. Дар шабакаи иҷтимоӣ навиштанд, ки раиси вилояти Суғд дар рӯзи зодрӯзаш (17-уми сентябр) дар пахтазор буд.

Ин таҷриба дар вилояти Хатлон низ ҷараён дорад. Раиси вилоят Давлаталӣ Саид бо мақомдорони вилоят аз майдонҳои кишти пахта дидан карда, худаш низ фаъолона пахта мечинад. Ӯ ҳамчунин бо пахтачинҳо суҳбат ороста, хостори ҷамъоварии беталафи ҳосил мешавад.

Ду акс аз ҷараёни пахтачинии мансабдорон пешкаши шумо мешавад.

# ЧӢ ГУНА ЯК ЗАНИ ТОҶИК НОЗИРИ БАРҚ ШУД?

**Оё шумо дидаед ё шунидаед, ки зани тоҷик нозири барқ ҳам шуда кор мекунад? Ман дар деҳот дидам, ки як бонуи ҷавони тоҷик бо вуҷуди бори вазнини зиндагӣ ва тарбияи фарзандони хурдсолаш, хона ба хона гашта, ҳаққи истифодаи барқи аҳолиро ҳисоб мекунад…**



Рӯзҳои истироҳат дар зодгоҳ будам. Диққатамро бонуи ҷавоне ҷалб кард. Ӯ дар ҳавлӣ, назди ҳисобкунак истода, ҳаққи истифодаи барқро ҳисоб мекард (ҳоло дар деҳоти Панҷакент низоми биллингӣ ҷорӣ нашудааст). Бароям хеле аҷиб намуд. Бори аввал медидам, ки зани тоҷик нозири барқ ҳам ҳаст. Ба худ суол мекардам, ки чӣ гуна ин зан дар шароити деҳот ва боҷуръатона касби нозири барқро интихоб намудааст? Чунки дар суннати мардуми мо асосан касбҳои муҳандисию энергетикӣ ва меъмориро бештар мардон ба дӯш мегиранд. Занҳо бештар ба касбҳои омӯзгорӣ, ҳуқуқшиносӣ ва дигар самтҳо майлу рағбат доранд. Пас аз анҷоми ҳисоби барқ бо ин зан ҳамсуҳбат шудам.

- Ман Заррина Ҳакимова, зодаи деҳаи Некноти шаҳри Панҷакент мебошам. Қариб як сол шуд, ки дар ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ нозири барқ шуда кор мекунам. Ман ҳамагӣ чанд деҳаи ин ҷамоатро гаштугузор карда, пули барқи аҳолиро ҳисоб мекунам. Қаблан пулро аз аҳолӣ нақд мегирифтам. Ҳоло пардохт ғайринақдӣ шудааст. Мардум худашон бо корти бонкӣ месупоранд,- иброз дошт дар оғози суҳбат номбурда.

- Заррина, чӣ гуна ин касбро интихоб кардед? Дар шароити деҳот хона ба хона гаштану ҷамъоварии пули барқ мушкил нест?

- Не, баръакс, аҳолӣ аллакай маро мешиносанд. Ман Донишкадаи омӯзгории шаҳри Панҷакентро дар риштаи менеҷмент хатм кардам. Баъдан, курси омӯзишии электрикиро гузашта, соҳиби гувоҳнома шудам.

- Муҳити оила ба ин кор ҳалал намерасонад?,- мепурсам аз ӯ.

- Ман аз Некнот ба деҳаи Зери Ҳисор келин шуда омадаам. Соҳиби ду фарзанд мебошам. Вале шавҳарам дар Русия ба ҳалокат расид. Бори зиндагиро худ пеш мебарам,- нақл мекунад Заррина.

Заррина барои ҷамъоварии маблағи истифодаи барқ нақша дорад. Ӯ дар як моҳ бояд нам камтар аз 30 000 сомонӣ аз аҳолӣ пули барқро ҷамъоварӣ намояд. Аз ин маблағ ӯ 6 фоиз ҳамчун бонус ва боз маоши муайяншударо мегирад.

Ӯ ба ин маблағ низ иктифо намекунад. Маҳорати иваз ё насби ҳисобкунаки барқиро низ дорад. Боз ҳамроҳи худ барои занҳо лавозимоти зарурӣ гирифта мегардад. Агар ба касе лозим шавад, мехаранд. Яъне, ӯ меҳнати ҳалол мекунад ва бо луқмаи ҳалол бори зиндагии худро пеш мебарад. Аҳолӣ низ бо ӯ хеле меҳрубонанд. Махсусан, занҳои деҳот чизҳояшро мехаранд. Ин аст матонати як зани тоҷик ва дӯстдори касби хеш, ки дар деҳот ба сифати нозири барқ кор мекунад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

# ЗУЛМИ ТАБИАТ ДАР ҲАҚИ ЯК ҶАВОНИ МАЪЮБ

**Дар деҳаи "Чорбоғ -2"-и ҷамоати деҳоти Чӯянгарони шаҳри Ваҳдат ҷавоне, ки бо асобағал рӯи ҳавлӣ мегашт, худро Муҳаммад муаррифӣ кард…**

Ӯ ба ҳавзҳои моҳии зери сел (шаби 27-уми август) мондааш бо ҳасрат нигоҳ карда, гуфт: “Имсол хостам ба соҳибкорӣ машғул шавам. Ду ҳавзи моҳӣ бунёд кардам. Бо ҳафт ҳазор сомонӣ моҳӣ харидам. 300 килограмм моҳӣ буд. Пешаш 1,5 кило вазн гирифта буд. Се навъ моҳӣ доштам. Ҳоло аз ин кӯлҳои моҳӣ пай мондаву сафолакҳои атрофи онҳо”.

Муҳаммад шукр мекунад, ки падару модар ва бародару хоҳаронаш саломат мондаанд. Корҳои бартарафсозӣ ки анҷом ёфт, шояд боз аз паси орзуҳояш равад. Ӯ ният дошт ҳангоми пурра аз худ кардани равиши моҳипарварӣ ба парвариши гулмоҳӣ машғул шавад.

Муҳаммад имрӯз шикояте надорад. Бо тани афгори худ шукрона мекунад. Муҳаммад 35 сол дорад. 20 сол пеш ба дарди устухони пой гирифтор мешавад. Мегӯяд як соли охир рӯи по хест. Ҳашт маротиба ҷарроҳӣ кардааст. Охирон аз ширкати қазоқие малҳаму доруворӣ дастрас мекунад, ки сабаби рӯи по хестанаш мегардад.

- Қариб дар ду ҳазор сомонӣ дору доштам, сел бурд. Боке нест, асос роҳҳои дармон пайдо шуд. Шояд корамро идома диҳам, бинем чӣ мешавад ҳоламон,- мегӯяд Муҳаммад.

**Абдураҳмон РАҲМОНОВ**









Ноҳияи Ёвон яке аз ноҳияҳои аграриву саноатии дорои таърихи куҳану тамаддуни пурифтихор буда, мардуми шарафмандаш давоми нимсолаи якуми соли равон ба дастовардҳои зиёд ноил гардидаанд.

## Бахтиёр Шарифӣ:

# БАРОИ БОЗ ҲАМ БЕҲТАР КАРДАНИ



Тавре раиси ноҳия Бахтиёр Шарифӣ мегӯяд, фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон ба таъмини волоияти қонун, риояи талаботҳои Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равона гардида, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таъмини амнияят ва тартиботи ҷамъиятӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, боз ҳам беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагӣ ва муҳайё сохтани шароити арзандаи меҳнатию фароғатии мардум ҷаҳду талоши зиёд ба харҷ дода мешавад.

Дар нимсолаи якуми соли 2023 ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии ноҳия ба 1 млрд 461 млн 910,3 ҳазор сомонӣ расонида шудааст, ки ин нисбат ба нимсолаи якуми соли 2022-юм 63 млн 489,8 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 814 млн 468,4 ҳазор сомонӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ ба 647 млн 441,9 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст. Дар қиёс ба нимсолаи якуми соли қаблӣ ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархи муқоисавӣ 34 млн 155,2 ҳазор сомонӣ зиёд (104,4%) ва ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ (бо нархи ҷорӣ) 29 млн 334,6 ҳазор сомонӣ зиёд (104,7%) мебошад.

### Соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ

Ба ҳолати 1-уми июли соли 2023 шумораи умумии андозсупорандагон 49 ҳазору 576 нафар буда, аз инҳо 646 нафар шахсони ҳуқуқӣ, 607 нафар соҳибкорони инфиродӣ, 4769 адад хоҷагии деҳқонӣ, 649 нафар соҳибкори инфиродӣ бо патент, 1209 нафар соҳибкор бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус, инчунин 41 ҳазору 696 нафар андозсупорандагон аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ба андозбандӣ ҷалб гардидаанд.

Дар ноҳия 9 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст ва маблағи азхудшуда 5,3 млн доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

"Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ёвон барои солҳои 2021-2025" 228 лоиҳаро ба маблағи 741 млн 438 ҳазор сомонӣ дар бар гирифта, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 46,1 млн сомонӣ, аз буҷети вилоятӣ 14,0 млн сомонӣ, аз буҷети маҳаллӣ 64,2 млн сомонӣ, аз бахши хусусӣ 263,3 млн сомонӣ ва сармояи дохилию хориҷӣ 353,7 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст. То ин давра ба маблағи 297,0 млн сомонӣ иҷро гардидааст.

Ҳаҷми умумии гардиши савдо 304 млн 813,2 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки ин нисбатан 15 млн 490,1 ҳазор сомонӣ (105,4%) зиёд мебошад.

### Кишоварзӣ

Дар нимсолаи якуми соли 2023 дар ҳама бахшҳои хоҷагидории ноҳия ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 647 млн 441,9 ҳазор сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 29 млн 334,6 ҳазор сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш 104,7 фоиз мебошад. Аз он 449 млн 630,1 ҳазор сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (суръати афзоиш 110,9 фоиз) ва 197 млн 811,8 ҳазор сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (суръати афзоиш 92,9 фоиз) рост меояд.

Дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия дар майдони 22 ҳазору 573 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки ин баробари 101,4 фоизи дурнамо буда, аз он 7613 гектар ғаллаdonагиҳо, 6850 гектар гандум, 405 гектар ҷав, 242 гектар ҷуворимаккаи дон ва 116 гектар дигар намуди ғалладонагиҳо, 1577 гектар сабзавот (аз он 802 га пиёз, 86 га сабзӣ, 111 га карам, 350 га помидор, 200 га бодиринг ва 33 гектар дигар намуди сабзавот), 320 гектар картошка, 10 737 гектар зироатҳои техникӣ (аз он 10 162 гектар пахта, 484 гектар зағир ва 91 гектар офтобпараст), 1103 гектар полезӣ ва 1222 гектар зироатҳои хӯроки чорво (аз он 710 га юнучқа, 7 га бехмева ва 505 гектар ҷуворимаккаи силос) мебошад.

### Соҳаи саноат

Дар давоми шаш моҳи аввали соли 2023 корхонаю коргоҳҳои саноатии ноҳия ба маблағи 814 млн 468.4 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки ин нисбати ҳамин давраи соли қаблӣ 34 млн 155,2 ҳазор сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш дар ин давра 105,3 фоизро ташкил медиҳад.

Тавассути баланд бардоштани самаранокии соҳаи коркарди ашёи хом ва афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ якчанд корхонаҳои саноатии ноҳия дар бозорҳои хориҷи кишвар ба маҳсулоташон харидор пайдо карда, дар ин давра аз корхонаҳои сементбарории ҶДММ "Хуаксин Ғаюр Семент" ба миқдори 171 ҳазору 473 тонна ва аз корхонаи ҶДММ "Чжунгтсай Моҳир Семент" ба миқдори 60 ҳазору 430 тонна семент, дар маҷмӯъ 231 ҳазору 903 тонна семент, ки маблағи 97 млн 742,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ба хориҷи мамлакат - Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон содирот гардидааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 7,6 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Бо мақсади татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръат дар кишвар корҳои муайяне ба сомон расонида шуда, дар давраи соли ҷорӣ коргоҳҳои истеҳсолии ҶДММ «Накуқорон», ҶДММ «Ширинов Нимат», ҶДММ «Сорбон Компания», ҶДММ «Ҳасан Хусейн», ҶДММ «Рустамов Наҷмиддин», ҶДММ «Сурайёи Муҳамад», ҶДММ «Музафаров Анушервон», ҶДММ «Мусулмон пласт», ҶДММ «Замираи Ёвон» бо 32 ҷойҳои кории доимӣ ва ҳамзамон аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ 4 адад коргоҳҳои нави истеҳсолӣ бо 10 ҷойҳои корӣ ба истифода дода шудааст.

### Сохтмон ва меъморӣ

Дар давоми нимсолаи аввали соли 2023 ҳаҷми сармоягузориҳо ҳамагӣ 29 млн 62,1 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 5 млн 44 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Фондҳои асосӣ ба маблағи 7 млн 956,1 ҳазор сомонӣ ба истифода дода шудаанд.

Дар масоҳати 2407 метри мураббаъ манзилҳои шахсии истиқоматӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд.

### Соҳаи нақлиёт

Масофаи умумии роҳҳои автомобилгарди ноҳия 453,6 километрро ташкил дода, аз он 79,5 километр роҳҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявидошта мебошад. Барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо дар давоми соли 2023 аз буҷаи маҳал ба муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия маблағи 157,7 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, муассисаи мазкур дар 0,146 км таъмири асосӣ, 52 км таъмири ҷорӣ гузаронида, 1 адад пул ва 1 адад қубури зери роҳро таъмир намудааст.

Бо ҷалби соҳибкори саховатпешаи ноҳия 5 км роҳи автомобилгарди аҳамияти ҷумҳуриявидоштаи Ёвон - Рӯдакӣ мумфарш гардида, корҳои таъмиру мумфаршкунии роҳҳо идома доранд. Ҳамчунин дар ин муддат масофаи 1 км роҳи автомобилгарди байнидеҳавии деҳаи Санҷитак ва 450 метр роҳи деҳаи Парчасойи деҳоти Обшорон мумфарш карда шудааст.

Дар ин давра ҳаҷми боркашонӣ ба 1295 тонна (101,5 %), гардиши боркашонӣ ба 124 ҳазору 900 тонна/км (103,4 %) ва мусофиркашонӣ ба 3510 нафар (129,1 %), гардиши мусофиркашонӣ ба 583 ҳазору 432 нафар/км (158,1 %) баробар гардидааст.

### Меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Ба шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия 1348 нафар барои пайдо кардани ҷойи корӣ муроҷиат кардаанд, ки аз онҳо 596 нафар занон мебошанд. Аз теъдоди умумии муроҷиаткардагон 1016 нафар ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуда, аз ҳисоби ҳама сарчашмаҳо 855 нафар бо ҷойҳои кории доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ таъмин гардидаанд.

Дар ин муддат 11 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ гузаронида шуда, 124 нафар сокинон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардидаанд.

Музди миёнаи меҳнати моҳонаи кормандон дар моҳҳои



# ШАРОИТ ҶАҲДУ ТАЛОШ ДОРЕМ

январ-феврали соли 2023 ба 1806,92 сомонӣ баробар гардидааст, ки ин дар қиёс бо ҳамин давраи соли гузашта 377,51 сомонӣ зиёд аст ва суръати афзоиш 126,4 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи пурсиши хонаводагӣ шумораи муҳоҷирони меҳнатии дар хориҷи кишвар қарордошта 21 ҳазору 410 нафарро ташкил дода, аз ин 20611 нафар мард ва 799 нафар занонанд.

### Соҳаи маориф

Дар ноҳия 85 муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла 2 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 5 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 75 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 1 литсейи давлатӣ, 1 гимназия ва 1 мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ фаъолият менамоянд, ки соли таҳсили 2022-2023 дар онҳо 65118 нафар муҳассилин (31590 нафар духтарон) ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия нисбат ба ҳамин давраи соли таҳсили қаблӣ 2667 нафар зиёд мебошад.

Бо мақсади омодагиҳо ба соли нави таҳсили 2023-2024,



баланд бардоштани сифати таълим ва бартараф намудани мушкилоти ҷойи нишасти хонандагон бо маблағгузорӣ аз буҷети маҳаллӣ ва аз ҳисоби падару модарон алҳол дар назди 14 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ №№ 3, 5, 6, 33, 38, 42, 48, 49, 61, 62, 63, 64, 74) сохтмони 94 бино ва синфхонаҳои иловагӣ барои 2350 нафар хонандагон идома дошта, аз ин ҳисоб то 1-уми сентябри соли равон 48 ва то охири соли ҷорӣ 46 синфхонаҳои иловагӣ сохта мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Барои таъмиру азнавсозии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия аз ҳисоби буҷети ноҳиявӣ 2 млн 921 ҳазору 109 сомонӣ маблағ пешбинӣ гардида, то ба имрӯз аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва аз ҳисоби падару модарон 587 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, корҳои таъмиру азнавсозӣ дар 1352 синфхонаҳои таълимӣ оғоз ёфтааст. Алҳол дар 207 синфхонаҳо корҳои таъмиру азнавсозӣ пурра ба анҷом расида, дар боқимонда синфхонаҳо корҳои таъмирӣ рафта истодааст.

### Тандурустӣ

Бо мақсади таъмин намудани хизматрасонии тиббӣ ба сокинон ва нигаҳдошти саломатии аҳолӣ дар ноҳия 100 муассисаи



давлатӣ ва 6 муассисаи хусусии соҳаи тандурустӣ бо 1870 нафар кормандон фаъолият доранд, ки аз ин 266 нафар духтурон ва 1038 нафар кормандони миёна, 386 нафар кормандони хурд ва 182 нафар кормандони гуногун мебошанд.

Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва дар ҳамин замина таъмини хизматрасонии сариватӣ ва сифатноки соҳа алҳол бо сахми маҳал сохтмони маркази саломатӣ дар деҳаи Ҳамза (шаҳраки Ҳаёти Нав), бунгоҳи саломатӣ дар деҳаи Оби Мӯкӣ-1 (деҳоти Обшорон), маркази саломатӣ дар деҳаи Гулистони деҳоти ба номи Гулсара Юсуфова ва азнавсозии муҳосиботи беморхонаи марказӣ идома дошта, дар доираи корҳои ободонию созандагӣ бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмон ва азнавсо-



зии муассисаҳои нави тиббӣ дар деҳаҳои Меҳристон, Қуймот ва Оҳуҷар (деҳоти ба номи Ҳасан Ҳусейнов), деҳаи Баҳор (деҳоти Норин), деҳаи Саркамиш (деҳоти ба номи Гулсара Юсуфова), деҳаи Оби Мӯкӣ-2 (деҳоти Обшорон) ба нақша гирифта шудааст.

### Соҳаи фарҳанг

Айни замон дар ноҳия 4 муассисаи фарҳангӣ (1 Кохи фарҳанги ноҳиявӣ, 1 мактаби бачагонаи санъат, 1 осорхонаи кишваршиносӣ ва китобхонаи марказӣ) мавҷуд буда, ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ мерасонанд.

Бо мақсади ҳарчи бештар ба мутолиаи китоб ҷалб намудани аҳолӣ, хусусан наврасону ҷавонон дар хазинаи китобхонаи марказонидашудаи ноҳия 151119 нусха китоб, аз ин шумора 47542 нусха ба забони тоҷикӣ, 92068 нусха бо забони русӣ ва 11509 нусха адабиёт бо дигар забонҳо мавҷуд мебошад.

Дар ноҳия фарогирии барномаҳои телевизионии шабакаи аввал (ТВТ) 100 фоиз, «Сафина» (ТВС) 100 фоиз, «Ҷаҳоннамо» 97,8 фоиз ва «Баҳористон» 89 фоизро ташкил дода, 1 шабакаи барномаи якуми радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон, радиои "Фарҳанг" ва радиои Садои Душанбе дар истифодаи аҳолӣ қарор доранд.

### Ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ 75100 нафар аҳолии ноҳия ҷавонон, яъне афроди аз 14 то 30-сола мебошанд, ки аз ин 37100 нафар духтаронанд. Шумораи ҷавонон дар ҳайатҳои роҳбарикунанда фаъолиятдошта 125 нафар, вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия 20 нафар ва вакилони ҷамоатҳо 40 нафарро ташкил медиҳад.

Айни замон дар ноҳия 255 иншооти варзишӣ, аз ҷумла 1 варзишгоҳ, 38 толор, 4 ҳавзи шиноварӣ, 1 маҷмааи варзишӣ, 8 фитнесклуб, 202 майдонча ва якчанд иншооти махсуси варзишӣ мавриди истифода қарор доранд, ки ҷавонону наврасон пайваста дар онҳо машқу тамрин мекунанд.

Дар ноҳия ду муассисаи соҳа - Муассисаи давлатии мактаби варзишии ноҳия ва Муассисаи давлатии мактаби варзишӣ оид ба футбол фаъолият дошта, дар онҳо 26 мураббӣ аз рӯи 11 намуди варзиш дар 58 гурӯҳ ба 700 нафар варзишгарон, аз ҷумла 16 нафар духтарон машғулиятҳои варзишӣ меомӯзонанд.

Варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат варзида, сазовори 57 медал, аз ҷумла 23 медали тилло, 21 медали нуқра ва 13 медали биринҷӣ гардидаанд, ки аз ин 30 медали сатҳи ҷумҳуриявӣ 9 медали тилло, 15 медали нуқра ва 6 медали биринҷӣ ва 6 медали сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Алҳол бо мақсади тарғиби захираҳои сайёҳӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳон дар ноҳия 5 меҳмонхона, 6 тарабхона, осорхонаи кишваршиносӣ, 28 китобхонаи оммавӣ, 27 нуқтаи хизматрасонии бонкӣ ва 2 нуқтаи фурӯши армуғонҳо фаъолият доранд.

Дар давоми соли ҷорӣ шумораи умумии сайёҳон ба ноҳия 1370 нафарро ташкил додааст, ки аз он 180 нафар сайёҳони хориҷӣ ва 1190 нафар сайёҳони дохилӣ мебошанд.

### Омодагӣ ба ҷашн

Тавре раиси ноҳияи Ёвон Бахтиёр Шарифӣ зикр намуд, бо мақсади амалисозии Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми майи соли 2022, №188 «Дар бораи омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори раиси вилояти Хатлон аз 7-уми июни соли 2022, №184, қарори раиси ноҳияи Ёвон аз 23-юми июни соли 2022, №1073 қабул гардида, дар асоси он аз ҳисоби муовини якум, муовинон ва роҳбари дастгоҳи раиси ноҳия, мудирони шуъбаю бахшҳои дастгоҳи раиси ноҳия, масъулини мақомоти қудратии ноҳия ва дигар роҳбарони корхонаю муассиса ва ташкилоту идораҳои ноҳиявӣ гурӯҳи кории роҳбарикунанда таъсис дода шудааст.

- Тибқи нақшаи чорабиниҳо дар ноҳияи Ёвон бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ таъмиру бунёди 498 иншоот ба нақша гирифта шуда, то ин ҷониб 73 иншоот, ё ин ки 14,6 фоиз ба истифода дода шуда, имрӯзҳо дар даҳҳо иншооти таъиноти гуногуни ҳоҷагии халқи ноҳия корҳои сохтмонӣ идома доранд,- афзуд раиси ноҳия.

**Машраби АЛОВИДДИН**

Бохтар:

# НОЗИРОТИ АНДОЗ БА АНДОЗСУПОРАНДАГОН ХИЗМАТИ БОСИФАТ МЕРАСОНАД

Сиёсати андоз яке аз омилҳои муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодист, ки барои рушди устувори иқтисоди кишвар замина фароҳам меорад. Дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон чунин сиёсати созанда роҳандозӣ гардида, дар 8 моҳи соли 2023 дастовардҳои назаррас ба миён омадаанд.



*Зуҳуршо Назарализода, сардори Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар*






Бино ба гуфтаи сардори Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар Зуҳуршо Назарализода, ин ниҳод дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор дода, дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар кӯшиш намудаанд, ки вазифаҳои ба зиммаашон гузоштаро доир ба иҷро намудани нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023" амалӣ намудаву талаботҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин созанд ва барои вусъат бахшидан ба рушди соҳибкории хурду миёна, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон тадбирҳои мушаххас андешанд.

Дар 8 моҳи соли 2023 иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет бо назардошти андозҳои иҷтимоии буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ба андозаи 104% таъмин гардида, ба ҷойи 188,8 млн сомонӣ нақшаи пешбинишуда ба буҷет 196,9 млн сомонӣ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нақша 8,1 млн сомонӣ зиёд ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 31,1 млн сомонӣ зиёд ворид гардидааст.

Иҷроиши нақшаи андозҳо ва андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ (контингент) ба ҷойи 159,4 млн сомонӣ нақшаи пешбинишуда ба буҷет 166,2 млн сомонӣ ворид карда шудааст, ки ба андозаи 104% таъмин гардида, нисбат ба нақша 6,8 млн сомонӣ зиёд ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бошад, ба маблағи 26,8 млн сомонӣ зиёд ворид гардидааст.

Нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бе назардошти Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) ба андозаи 104% таъмин гардида, ба ҷои 141,2 млн сомонӣ ба буҷет 146,4 млн сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбати нақша 5,2 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Андози иҷтимоии буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ 59,5 млн сомонӣ ба нақша гирифта шуда, ба буҷет 64 млн сомонӣ ворид гардидааст, ки ба 108% рост меояд.

Бақияи қарзи андозҳо бо назардошти андози иҷтимоӣ тибқи маълумотҳо дар Нозироти андоз дар маҷмуъ ба ҳолати 01.09.2023 маблағи 13 млн сомониро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба 01.01.2023 ба андозаи 5,2 млн сомонӣ зиёд ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,7 млн сомонӣ зиёд шудааст.

Бо мақсади иҷроиши уҳдадориҳои андоз ва кам кардани бақияпулиҳои андоз аз тарафи Нозироти андоз нисбати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар 8 моҳи соли 2023 ба миқдори 478 адад огоҳиномаҳо ба маблағи 13,8 млн сомонӣ бо мақсади ворид намудани маблағи қарзи андозҳо ба буҷет ба андозсупорандагони қарздор фиристонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 85 адад зиёд аст ва тибқи огоҳиномаҳои пешниҳодгардида ба буҷет 5,7 млн сомонӣ ворид гардидааст, ки 42 фоизи маблағи огоҳиномаҳои додашударо дар бар мегирад.

Инчунин дар ин давра аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар ба миқдори 245 адад қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз ба маблағи 9 млн сомонӣ қабул гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 124 адад зиёд мебошад ва аз ҳисоби қарорҳои татбиқгардида дар ин давра ба буҷет 6,4 млн сомонӣ ворид гардидааст, ки 72 фоизро дар бар мегирад.

Дар 8 моҳи соли ҷорӣ аз тарафи кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар 277 протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 адад зиёд мебошад. Маблағи умумии протоколҳои тартибдодашуда 722,9 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин ҳисоб ба буҷет 477,1 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки маблағи рӯёнидашуда 66 фоизро дар бар мегирад.

Дар соли 2023 дар Нозироти андоз тибқи маълумотҳои барномаи системаи иттилоотии андоз (СИА) шумораи андозсупорандагони бақайдгирифташуда 5246 ададро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 169 адад андозсупоранда зиёд мебошад: аз он ҷумла шахсони ҳуқуқӣ 1024 адад (1024-1022, нисбат ба 01.09.2022 сол 2 адад зиёд), соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 1070 адад (1070-1044, нисбат ба 01.09.2022 сол 26 адад зиёд), шаҳодатнома бо шартҳои махсус 2229 адад ва соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда 923 адад (3152-3011, нисбат ба 01.09.2022 сол 141 адад зиёд) мебошад.

Дар 8 моҳи соли ҷорӣ дар Нозироти андоз 12 адад ташкилотҳои ҳуқуқӣ, 110 адад соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 541 адад шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва 107 адад соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда, дар маҷмуъ 770 адад андозсупоранда ба қайд гузошта шудаанд.

Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар дар 8 моҳи соли 2023 корҳои назоратӣ гузаронида, дар натиҷа нисбати 84 адад андозсупоранда ба маблағи 5,2 млн сомонӣ маблағҳои иловагӣ ҳисоб карда шуда, ба маблағи 4 млн сомонӣ ба буҷет пардохт карда шудааст, ки 77 фоизи маблағи андози иловагӣ ҳисобшударо ташкил медиҳад.

Бино ба иттилои сардори Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар Зуҳуршо Назарализода, таъмини андозсупорандагон бо дастгоҳи назорати хазинавӣ ва риояи тартиби истифодаи он таҳти назорати доимии кормандони нозироти андоз қарор дошта, ба ҳолати 01.09.2023 ба миқдори 900 адад ва дар 8 моҳи соли ҷорӣ 21 адад андозсупоранда бо ДНХ таъмин гардидаанд.

- Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар минбаъд низ ҷиҳати беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, бештар намудани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва дар ҳамин замина бо мақсади таъмини сифатноки иҷрои нақшаҳои пешбинишуда тамоми имкониятҳоро истифода намуда, чораҳои иловагӣ меандешад,- меафзояд ӯ.

**М. АЛОВИДДИН**

# АВВАЛИН ВАЗИРИ МУДОФИАИ ТОҶИКИСТОН ДАРГУЗАШТ

**Генерал Александр Шишлянников - аввалин вазири мудофиаи Тоҷикистон дар 73-солагӣ дар шаҳри Тошканд аз олам даргузашт. Ӯ генерали Артиши Ӯзбекистон буд.**



Хабари даргузашти Александр Шишлянниковро Вазорати дифои Ӯзбекистон бо изҳори тасаллият расонаӣ кард. Дар ин хабар омадааст, ки Шишлянников баъди бемории тӯлонӣ 15-уми сентябр даргузашт ва як рӯз баъд ӯро дар шаҳри Чирчиқ ба хок супориданд.

Номи Александр Шишлянников барои ҷомеаи Тоҷикистон бегона нест, зеро ӯ аввалин вазири мудофиаи кишвари ҷангзада буд ва яке аз шахсиятҳои матраҳ дар солҳои 90-ум ба ҳисоб мерафт.

Шояд ин ҷо хонанда суол диҳад, ки чӣ тавр як афсари Артиши Ӯзбекистон вазири мудофиаи Тоҷикистон шуд? То посух додан ба ин савол аввал ба зиндагиномаи Александр Шишлянников назар меандозем.

А. В. Шишлянников 3-юми ноябри соли 1950 дар Тошканд таваллуд шудааст. Баъди хатми Омӯзишгоҳи ҳарбии шаҳри Тошканд аз соли 1971 дар Қӯшунҳои марказии ҳарбии Иттиҳоди Шуравӣ дар Чехословакия ва баъдан дар Қӯшунҳои хориҷии Советӣ дар Олмон хизмат кардааст. Ҳамчунин, хатмкардаи Академияи ҳарбии Иттиҳоди Шуравӣ мебошад. Дар Округи ҳарбии Туркистон вазифаҳои калидиро иҷро карда, дар Афғонистон ҳам хизмат кардааст. Аз соли 1993 то соли 1995 вазири мудофиаи Тоҷикистон буд. Баъди анҷоми вазифа дар Тоҷикистон ба Ӯзбекистон баргашт ва дар Вазорати мудофиаи Ӯзбекистон фаъолият намуд. Баъдан дар Академияи Қувваҳои мусаллаҳи Ӯзбекистон дарс гуфт ва солҳо мудири кафедра буд. Номзади илмҳои ҳарбӣ, профессор, муаллифи беш аз 70 китобу дастурҳои таълимӣ ва беш аз 200 мақола аст. Бо ордену медалҳои зиёди ҳарбӣ аз ҷониби Ӯзбекистон ва Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст.

Александр Шишлянников соли 1992 пас аз он ки дар Иҷлосияи 16-уми Шурои олии Тоҷикистон қарор дар мавриди дар заминаи "Фронти халқӣ" таъсис додани Қувваҳои мусаллаҳ ба имзо расид, ба ҳайси аввалин вазири мудофиаи Тоҷикистон интихоб шуд. 23-юми феврали соли 1993 дар шароити душвори ҷанги дохилӣ дар Душанбе аввалин паради низомӣ бо сарварии вазири мудофиаи Тоҷикистон Александр Шишлянников баргузор шуд. Ӯ дар ин вазифа то соли 1995 кор кард.

Он шабу рӯзҳо мухолифин Эмомалӣ Раҳмонро интиқод мекарданд, ки генерали ӯзбекро вазири мудофиаи Тоҷикистон таъйин кардааст. Ҳатто сиёсатмадор Сафаралӣ Кенҷаев дар яке аз изҳоротҳои худ истеъфои Александр Шишлянниковро дар радифи чанд мансабдори дигар талаб карда буд.

Бо гузашти чанд сол Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сабаби таъйин намудани Александр Шишлянников ва даъват кардани 200 афсарро ба ҳайати Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон дар яке аз сухбатҳояш чунин шарҳ дод: "Ман Артиши Тоҷикистонро дар палигон, дар хаймаҳо таъсис додам. Он шабу рӯз мо чизе надоштем, на Қувваҳои мусаллаҳ, на вазири мудофиа, на генералу на афсар... Бинобар ин, мо аз кишвари ҳамсоя зиёда аз 200 афсар овардем. Аз миёни онҳо полковник Александр Шишлянниковро вазири мудофиа таъйин кардам. Мо дигар роҳ надоштем, зеро ҳамаро аз сифр оғоз намудем...".

Тавре афсарони собиқадор мегӯянд, дар оғоз касе бовар надошт, ки Шишлянников аз уҳдаи иҷрои вазифа дар он шароити душвор мебарояд. Бисёриҳо гумон доштанд, ки ӯ чанд моҳ кор мекунаду ҷонишинаш Рамазон Раҷабов ҷойгузинаш хоҳад шуд. Вале ӯ қариб 3 сол ба фаъолияташ идома дод. Генерал Шералӣ Хайруллоев 7-уми апрели соли 1995 ӯро дар вазифа иваз кард.

**О. СОҲИБЗОДА**

# ФОҶЕА ДАР ПАНҶАКЕНТ

## Чаро ду холадухтар худро ба дарё андохтанд?

**Рӯзи 17-уми сентябри соли 2023, тақрибан соати 11 ду холадухтар аз деҳаи Чанори шаҳри Панҷакент худро аз болои пули Ғарибак ба дарёи Зарафшон партофтаанд. Ҷасади онҳо зуд аз об бароварда шуд.**



Лаҳзаи худро ба дарё партофтани ин ду духтар ба дурбини видеокамераи назоратие, ки дар болои пули Ғарибак насб карда шудааст, афтодааст. Дар ин сабт дида мешавад, ки ин ду духтар дар болои пул чанд лаҳза истода, худашон дастони якдигарро мебананд ва сипас аз болои пилаи пул гузашта, якбора ба дарё меҷаҳанд.

Pressa.tj шахсияти ин духтаронро дар такя ба як манбаи худ дақиқ кард. Гуфта мешавад, ки онҳо Севинч ва Наргиза ном дошта, соли таваллудашон 2006 ва донишҷӯёни курси дуюми Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент мебошанд. Падаронашон дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар Русия буда, модаронашон хонашин мебошанд.

"Ҳарду ба беморхонаи шаҳри Панҷакент меравем гуфта, аз хона мебароянд. Аммо аз болои пули дарёи Ғарибак худро мепартоянд. Баъд аз 15 дақиқа онҳо аз дарё берун бароварда мешаванд. Чӣ гуна аз болои пул худро партофтани онҳо тариқи камераҳои назоратӣ сабт шудааст",- иттилоъ дод манбаи Pressa.tj.

Сабаби худкушии ин ду духтари ҷавон аниқ карда нашудааст. Вале як манбаъ мегӯяд, ки онҳоро чанде пеш ба ду марде, ки намехостанд, фотиҳа кардаанд ва азбаски волидонашон ба нею нестони ин ду духтар гӯш надодаанд, онҳо ба чунин шакл норозигии худро ба ин издивоҷ бо нархи ҷонашон баён доштаанд...



### ФИРОРИ МАҲБУСИ ТОҶИКИСТОНӢ АЗ МАҲБАСИ РУСИЯ

**Шаҳрванди Тоҷикистон Камолҷон Калонов, ки қариб 20 солро дар маҳбаси Русия пушти сар кардааст, рӯзи 18-уми сентябри соли 2023, дар рӯзе, ки бояд озод мешуд, аз маҳбаси сукунатӣ («колония-поселение»)-и №19, воқеъ дар шаҳраки Маркови вилояти Иркутск фирор кардааст.**

Камолҷон Калоновро бори аввал солҳои 90 бо ҷурми ташкили гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ ва фарзандхондии ғайриқонунӣ зиндонӣ кардаанд. Ӯ соли 1997 озод шуда, соли 2003 бо ҷурмҳои сангини куштор, ғоратгарӣ, тамаъҷӯӣ ва дуздии силоҳ ба 22 соли зиндон маҳкум шудааст.

Далели фирори Камолҷон маълум нест. Ҳадс мезананд, ки ӯ дар ин 20 сол ба муҳити маҳбас одат кардааст ва шояд озод шудан намехоҳад.



### ДАРГУЗАШТИ САРДОРИ МИЛИТСИЯ

**Полковники милитсия Раҳимзода Зафар Иброҳим, сардори шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон бармаҳал аз олам чашм пӯшид.**

Далели марги полковник Зафар Раҳимзодаро аз бемории қалб арзёбӣ мекунанд. Ӯ 10-уми марти соли 2021 ба мақоми сардори милитсияи ноҳияи Носири Хусрав таъйин шуда буд.

### АЗ РУСИЯ ОМАДУ ДАР ВАТАН ФАВТИД

**17-уми сентябр дар як садамаи нақлиётӣ дар наздикии Исфара ду нафар ба ҳалокат расиданд.**

Маълум шуд, ки Бобо Шоҳраҳматов, сокини 58-солаи Исфара бо мошини "Опел-Зафира" муҳоҷирон аз деҳаи Ворухро, ки аз шаҳри Қазон ба Ватан баргашта буданд, меовард. Вале муҳоҷирон ба хона нарасида, ба садама дучор шуданд. Дар натиҷа, Бобо Шоҳраҳматов ва як мусофираш - Фарзон Сафарови 43-сола фавтиданд.

### НАВИСАНДАИ КОНИБОДОМ 5 СОЛ ЗИНДОНӢ ШУД

**Суди ҳарбии шаҳри Хуҷанд сержанти хурд Муҳриддин Исмоиловро бар асоси моддаи 391, қисми 1-и Кодекси ҷиноятӣ 5 сол равонаи зиндон кард.**

Дар ҳукми суд зикр мегардад, ки Исмоилов бо мақсади нишон додани бартарию тавонмандии худ шаъну шарафи наваскаронро паст зада, сари онҳоро тарошидааст.

"Ӯ қоидаҳои муносибати байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбиро дағалона вайрон карда, ба намуди зоҳирии сарбозон таҳқирона муносибат намуда, мӯйи сарашонро маҷбуран дар намуди харфҳои КОНИБОДОМ тарошида, шаъну шарафашонро дар назди дигар сарбозон паст задааст",- гуфта мешавад дар ҳукми додгоҳ.



### ПИЛОТИ ТОҶИК ДАР УКРАИНА ФАВТИД

**Яке аз ду пилоти дар Украина кушташудаи чархболи Ми-8, ки онро моҳи август аз вилояти Курски Русия ба Украина бурданд, зодаи Тоҷикистон будааст.**

Хушбахт Турсунови 35-сола дар Омӯзишгоҳи ҳарбии ҳавонавардии Сизран таҳсил кардааст. Ӯ баъди хатми омӯзишгоҳ ба Тоҷикистон баргашт ва то соли 2015 дар ин ҷо кор кард. Баъдан, боз ба Русия рафта, аз шаҳрвандии Тоҷикистон даст кашид, то тавонад дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Русия хидмат кунад.

Вазорати мудофиаи Русия рӯзи 16-уми сентябр хабар дод, ки дар чархболи моҳи август ғайбзадаи тамғаи Ми-8 2 халабон қарор доштанд.

### ХОНАНДАИ СИНФИ 9 ХУДКУШӢ КАРД

**М. А., хонандаи синфи 9 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 22-и шаҳри Истаравшан даст ба худкушӣ задааст.**

Ҳодиса рӯзи 11-уми сентябри соати тахмин 16:00 дақиқа дар хонаи истиқоматии М.А., деҳаи Кухандиж (пештара Ҷаркурғон), ҷамоати деҳоти Зарҳалол рух додааст. Давоми 8 моҳи соли равон ин дуюмин ҳодисаи даст ба худкушӣ задани хонандагони мактаб дар шаҳри Истаравшан мебошад.

# ТЕЛЕВИЗОР, КОМПЮТЕР ВА ТЕЛЕФОН

## Се душмани чашм



**Бисёриҳо мепурсанд, ки фосилаи чашм бо телевизор, роёна (компютер) ва ё китоб ҳангоми хондан бояд чӣ андоза бошад? Ба ин суолҳо табиби чашм Шаҳло Бобоҷонова посух мегӯяд.**

Бо пешрафти илму фанноварӣ теъдоди корбарони телевизор, роёна ва планшету телефонҳои ҳамроҳ низ дар ҳоли афзудан аст. Чашмпизишкон дар ин сурат тавсия медиҳанд, ки бояд беш аз пеш мувозиби чашмони худ буд ва фосилаи нишастан пеши роёна ва телевизорро риоят кард. Фосилаи байни чашмон ва телевизор мустақиман ба диагонал ё қутр ва андозаи экрани он вобаста аст. Бар асоси меъёрҳои чашмпизишкӣ шахс ҳангоми тамошои телевизор бояд аз 1,5 то 3,5 метр дуртар аз он биншинад.

Бо вуҷуди ин, тибқи меъёрҳои тиббӣ тамошои телевизор бештар аз 1,5-2 соат дар рӯз барои афроди синну соли мухталиф тавсия намешавад. Вақти нишастан дар пеши экрани компютер ва ё истифода аз планшету телефон барои кӯдакони то панҷсола рӯзона бояд ҳамагӣ як соатро ташкил диҳад ва он ҳам дар тӯли рӯз бояд ба чанд мавриди 10 то 15-дақиқаӣ таксим шавад. Кӯдакони аз шаш то ҳаштсола аз 1,5 то 2 соат метавонанд аз компютер, планшет ва ё телефон истифода кунанд. Кӯдакони аз 8 то 12-сола бояд на бештар аз 3,5 то 4 соат дар рӯз ва он ҳам бо таксимбандии соатҳои таъйиншуда, аз планшету телефони мобилӣ истифода кунанд.

Муддат ва замони кор бо ин дастгоҳҳо аз сӯи кӯдаконро падару модарон бояд ҷиддан назорат кунанд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи беш аз ҳадди ин фанновариҳо дар дастгоҳи ҳаракатдиҳандаи чашмони кӯдакон таъсири манфӣ расонида, кори онро дар дарозмуддат халалдор месозад.

Сабабаш ин аст, ки ҳангоми кор бо компютер ва ё истифода аз телефону планшет чашми инсон соатҳо ба як нуқта нигоҳ мекунад ва дар натиҷа, дастгоҳи ҳаракатдиҳандаи чашм соатҳо аз ҳаракат бозмемонад. Соатҳо ба як нуқта хира шудан мушакҳои ҳаракатдиҳандаи чашми инсонро заиф месозад.

Истифодаи аз ҳад зиёди компютер ва телефону планшет на танҳо барои чашмон, балки барои руҳу равон ва асаби инсон, бахусус кӯдакон, зиёновар аст. Беҳтар аст, ки ба ҷои сарфи беҳудаи вақт дар телефону планшет соатҳои тӯлониро кӯдак сарфи хондани китоб кунад. Вақти хондани китоб ё навиштан чашмон ба самти чапу рост ҳаракат мекунанд ва он гоҳ фаъолияти шаш мушаки чашм ҳам беҳтар мешавад.

Ҳангоми хондан китобро набояд бештар аз 30-40 см ба чашм наздик кард. Мутолиаи китоб бояд зери нури равшан сурат бигирад, то ба чашм фишор ворид нашавад. Агар шаб ҳангоми хондани китоб аз чароғи рӯимизӣ истифода кунем, ҷойгиршавии он ба хати китоб бастагӣ дорад. Агар китобамон ба хати сирилик ва лотинӣ бошад, равшании нури чароғ бояд аз самти чап ба китоб расад. Агар хати китоб форсӣ ва ё арабӣ бошад, рӯшноии он бояд аз самти рост бошад.

# 10 ДАВО БА БЕМОРИИ ДИЛ

1. Агар зардии тухми нимпухтаро бихӯранд, дилро қувват мебахшад.
2. Ҳар рӯз ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ як пиёла шарбати зардолу нӯшидан ё дар як рӯз 4-5 дона туршак хӯрдан дар табобати ҳар гуна бемории дил муфид буда, дилро қавӣ мегардонад.
3. Худдорӣ аз крахмал, маҳсулоти ширӣ ва шакар дар ғизо низ дар ин бемории судманд аст.
4. Нӯшидани шарбати себи ширин, шарбати анори ширин ба дил қувват мебахшад.
5. Гиёҳи хушки чойи зард (далачой-)-ро дар об ҷӯшонида, дар як рӯз 2-4 бор баъд аз хӯрок як қошуқ нӯшидан низ фоидаовар аст.
6. Хӯрдани кашнизи хушк, биҳӣ ва бӯйи садбарги сафед ба дил қувват мебахшад.
7. Агар 5 грамм оби решаи офтобпарастро бинӯшанд, барои дили аз хунукӣ заифшуда даво аст.
8. Рӯзе як пиёла шири навҷӯшидаи говро дар гармӣ нӯшидан ба дил қувват мебахшад.
9. Нок, писта ва анҷир барои нокомии дил ва бемориҳо давои хубанд.
10. Ҳар рӯз ду грамм мурчро майда карда, бо об фурӯ бурдан сӯзиши дилро дафъ мекунад.

# Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

*Бо мақсади ба даст овардани дили ёри ноошно ҳамалҳои беқарор беқарортар мешаванд. Барои ба ёратон наздиктар шудан чанд қадам мегузоред, вале ба мақсад намерасед. Вазъи саломатиатон хуб аст, вале ин маънои бепарвоӣ зоҳир кардани шуморо надорад.*



**Савр**
**21.04 - 21.05**

*Аз пайи кору бор шуда, қариб аз ҳолу аҳволи нафарони наздикатон бехабар мемонед. Нафароне, ки аллакай мавқеи худро дар ҷомеа пайдо намудаанд, дар атрофи худ балегӯёнро ҷамъ меоранду таваҷҷуҳи дигаронро ҷалб месозанд.*



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

*Вақте расидааст, ки ба рухсатии меҳнатӣ баромада, даме истироҳат намоед. Боз як кори дигаре, ки шумо дар ҳафтаи нав ба анҷом расонидан мехоҳед, барои интихоби либос ба бозору мағоза рафтан аст. Нияти хуб кардаед, зеро либоси нав ба кас нерӯи тоза мебахшад.*



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

*Вазифаҳои ҳаррӯзаатонро иҷро намуда, шумо хаёлан орзуи дар мансаб боло рафтанро мекунед. Дар вақтҳои холӣ ҳамчун падари намунавӣ ё модари беҳтарин ғами фарзандонро хӯрда, касбу кор омӯзонед. Даромади пулӣ аз меҳнатдӯстиятон вобастагӣ дорад.*



**Асад**
**23.07 - 22.08**

*Ҳафтаи нав дар кору муносибатҳои ошиқона шумо бояд аз ду якеро интихоб намоед. Аз интихоби дуруст ояндаи шумо вобастагӣ дорад, ба садои дили худ гӯш андохта, пасон амал намоед. Азбаски шумо зотан хеле зирак ҳастед, ба маслиҳати дигарон чандон ниёз надоред.*



**Сумбула**
**23.08 - 22.09**

*Барои он ки ба гирдоби ғаму ғусса ғӯттавар нагардед, дар ин ҳафта аз ҳад зиёд соддаву зудбовар нашавед ва аз нафарони дурӯяву дурӯғгӯ дурӣ ҷӯед. Вохӯриҳо бо дӯстони наву дерин пур аз эҳсосот мегардад. Яку якбора сард шудани муносибати дӯстдоштаатон имконпазир аст.*



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

*Ҳафтаи нав дар касбу коратон баракат меорад. Бо тамоми қувват меҳнат карда, ба мақсад мерасед. Соҳиби вазифаи деринтизор шуда, дар ҷойи кор ҳасудону душман пайдо мекунед, вале ягон бадхоҳ наметавонад табъи шуморо нохуш гардонад.*



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

*Барои хуб сохтани вазъи молиявиатон айёми хуб аст, вале муваффақият дарҳол ба дастатон намеояд, ҳама кор вақту соати худро дорад. Барои он ки корҳоятон хуб шаванд, пайваста аз пайи омӯзиш бошед. Беҳуда худро бекасу танҳо шуморида, ашк нарезед.*



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

*Даврае фаро мерасад, ки бояд зиндагиву одатҳоятонро тағйир бидиҳед. Инсон бояд пайваста барои зиндагии осоишта кӯшиш ба харҷ диҳад. Аз хоби гарон хезед ва зиндагии худро аз нав созед. Агар аз рӯйи мақсад амал намоед, ҳатман ба орзуҳоятон мерасед.*



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

*Нимаи аввали ҳафта агар хушёриро пеша накунед, ба доми ҳаннотон афтоданатон имкон дорад. Зиракиву хушёрӣ ва андаке чолокӣ шуморо ба қуллаи мақсуд мерасонад. Дар ин рӯзҳо ба хӯроки мехӯрдаатон бодиққат бошед.*



**Далв**
**21.01 - 19.02**

*Дар ин ҳафта бояд бо ҳамкорон нармгуфтор бошед, вагарна сабабгори ҷанҷоли калоне мегардед. Хушбахтона дар ин лаҳзаҳои душвор дӯстони ҷониву ҳамсафари ҳаётӣ дастгиратон мегарданд. Нисбати саломатии худ бодиққат бошед, бо худтабобаткунӣ машғул нашавед.*



**Хут**
**20.02 - 20.03**

*Рӯзҳои наздик барои таъмири хона маблағи кофӣ ба даст оварданатон амри маҳол аст. Беҳуда асабатонро хароб накунед, охири ҳафта манбаи нави даромад пайдо карда, хеле шод мегардед. Вақти худро бо гапҳои беҳуда нагузаронед, беҳтараш аз пайи кор шавед.*

# РӮДАКӢ АЗ РӮД АСТ Ё АЗ РӮДАК?

## Нигоҳе ба тахаллус дар шеъри шоир

**Осори қофиласолори адабиёти классикии тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аввалин маротиба дар Аврупо аз ҷониби олими шарқшиноси олмонӣ Ҳерман Эте бо номи «Рӯдакӣ - шоири Сомониён» (1873), дар Осиёи Миёна аз тарфи устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ва дар Эрон тавассути асари сеҷилдаи Саид Нафисӣ «Аҳвол ва ашъори Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакии Самарқандӣ» (1930-1940) мунташир гашта, дастраси хонандагон гардид. Нашри китобҳои зикргардида дар муаррифии Рӯдакӣ ва шеъри ӯ нақши боризе дошт ва дар таҳкими Рӯдакишиносии ҷаҳонӣ заминаи боэътимоде гузошт.**



Саид Нафисӣ, ки доир ба зиндагӣ ва осори Султони шоирон тадқиқоти амиқ анҷом додааст, доир ба ваҷҳи тахаллуси шоир гуфтааст, ки «агар (Рӯдакӣ,- Р. Х.) рӯднавоз будааст, мебоист ӯро Рӯдӣ бихонанд ва на Рӯдакӣ, зеро ки аз «рӯд» шакли кӯтоҳшуда чун «рӯдак» ҳаргиз дар забони мо маълум набуда ва дар ҳеҷ як аз фарҳангҳо забт накардаанд. Рӯдӣ ҳам киёси забони форсӣ дуруст нест, зеро зананда ва навозандаи рӯдро бояд ба забони форсӣ, он ҳам дар қарни чорум (асри Х,- Р. Х.), ки риояти қавоиди фасоҳат ва мабодии забонро мекарданд, «рӯдсоз» ё «рӯднавоз» ва ё «рӯдзан» гуфт ва на «рӯдӣ» ё «рӯдакӣ».

Садриддин Айнӣ дар мақолаи бо номи «Устод Рӯдакӣ» (1940) навиштааш доир ба масъалаи тахаллуси Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дахл карда, аз ҷумла овардааст: «Дар сабаби тахаллуси Рӯдакӣ баъзеҳо гуфтаанд, ки бинобар аз деҳаи Рӯдак будан ба он деҳа нисбат дода ин тахаллусро ба худ гирифтааст ва баъзе дигарҳо мегӯянд, ки ба сабаби мусиқачии рӯднавоз буданаш шакли хурди калимаи рӯд - рӯдакро гирифта ва худро ба вай нисбат додааст».

Аммо маълум шуд, ки «Рӯдакӣ» хитоб ёфтани ин устоди бузург бинобар аз деҳаи Рӯдак будани ӯст, чунки калимаи рӯдро, ки ба маънои сози (мусиқӣ,- Р. Х.) маълум аст, манбаъҳои аввалӣ ҳеҷ ном намебаранд».

Шоирони асрҳои IX - X дар ашъори худ баъзан тахаллуси худро намеоварданд, чунки тахаллусгузорӣ дар шеърҳо он вақт ханӯз расм нашуда буд. Баъд аз асри Х ва ибтидои асри XI баъзе аз шуаро дар шеърҳояшон тахаллуси худро меовардагӣ шуданд.

Тахаллусгузорӣ дар адабиёти асрҳои IX - X тоҷику форс гарчанде расм нашуда бошад ҳам, вале дар ашъори шоирони ин давр ба назар мерасад. Ба ин қабил шоирон дохил мешаванд: Имории Марвазӣ, Ғазвонии Лукарӣ, Кисоӣ, Хусравонӣ, Робеа бинти Каъб, Дақиқӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва ғайра.

Ашъори бозмондаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ беш аз 25 маротиба чоп шуда, нашри Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Ашъор» (2007) комилтарини онҳо ба шумор меравад. Дар ашъори овардашудаи ин китоб дар ёздаҳ маврид тахаллуси шоир зикр гардидааст. Тахаллусҳо дар навъҳои гуногуни шеърӣ ба назар мерасанд, чунончи: 3-то дар ғазалҳо, 3-то дар қасоид, 2-то дар рубоиҳо ва 3-то дар абёти парокандаи ӯ мавҷуданд. Ғазалҳои зерини Рӯдакӣ аз 4 то 7 байтро дар бар гирифта, дар онҳо тахаллуси шоир зикр шудааст:

*Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,*
*Бода андоз, к-ӯ суруд андохт.*
* * *
*Биё, инак нигаҳ кун Рӯдакиро,*
*Агар беҷон равон хоҳӣ танеро.*
* * *
*Ту Рӯдакӣ ба ғуломӣ қабул*
*агар бикунӣ,*
*Ба бандагӣ нависандад*
*ҳазор Дороро!*

Бояд зикр намуд, ки тахаллусҳо на ҳамеша дар мақтаи шеърҳо, балки баъзан дар аввал ва байни онҳо низ омадаанд. Масалан, дар ғазалҳои шоир дар як маврид дар матлаъ ва дар ду ҳолат дар мақтаъ омада, дар қасоиди ӯ мо тахаллусҳоро танҳо дар абёти байнии онҳо мебинем. Аммо дар рубоиҳо ва байтҳои парокандаи ӯ тахаллус фақат дар аввали онҳо омадааст:

*Дар ишқ чу Рӯдакӣ шудам*
*сер аз ҷон,*
*Аз гиряи хунин мижаам*
*шуд марҷон.*
*Алқисса, ки аз бими*
*азоби ҳиҷрон,*
*Дар оташи рашкам дигар*
*аз дӯзахиён.*
* * *
*Ҳон, Рӯдакӣ, аз қайди ғам*
*озод бизӣ!*
*Бо хотири хуррамӯ дили*
*шод бизӣ!*
*Вайронии худ мангару*
*ободии даҳр,*
*Вайронии даҳр бину обод бизӣ!*
* * *
*Хоки кафи пойи Рӯдакӣ*
*насазӣ ту,*
*Ҳам бишавӣ гову ҳам*
*бихойӣ барғаст.*
* * *
*Ба шеъри шукр нигаҳ кун,*
*ки Рӯдакӣ гуфта-ст:*
*- Ҳама касеро дарвешӣ асту*
*ранҷи иёл.*
* * *
*Хало, Рӯдакӣ, аз кас*
*андарматоб,*
*Бикун, ҳар чи карданист*
*бо мудом.*

Дар қасидаҳои «Шикоят аз пирӣ», ки 34 байт дорад, дар байти 24-ум ва дар «Модари май», ки дорои 94 байт мебошад, дар байтҳои 75 ва 85-уми он тахаллусҳои шоир дида мешаванд.

Байтҳои тахаллусдоштаи қасидаҳои Рӯдакӣ инҳоянд:

*Ту Рӯдакиро, ай моҳрӯ, ҳамебинӣ*
*Бад-он замона надидӣ, ки*
*инчунин он буд?*
* * *
*Нест шигифте, ки Рӯдакӣ*
*ба чунин ҷой,*
*Хира шавад беравону*
*монад ҳайрон.*
* * *
*Рӯдакиё, барнавард мадҳи*
*ҳама халқ,*
*Мидҳати ӯ гӯю маҳри*
*давлат бистон!*

Мураттибони китоби «Осори Рӯдакӣ» (1958) ғазалҳои тахаллусдоштаи Рӯдакиро ба қатори дигар ашъори шоир дохил кардаанд, аммо академик Абдулғанӣ Мирзоев ба ғазалҳои тахаллусдоштаи шоир бо назари шубҳа нигариста, онҳоро аз Рӯдакӣ намедонад ва иддао дорад, ки дар он замон дар ғазалҳо тахаллусгузорӣ расм нашуда буд ва шоирон тахаллусашонро дар ғазалҳои худ намеоварданд.

Тавре ки маълум мегардад, шоирони ҳамасри Рӯдакӣ дар ашъори хеш тахаллусашонро овардаанд ва худи Султони шоирон низ дар ёздаҳ маврид тахаллуси худро дар шеърҳояш зикр намудааст.

Китоби Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Ашъор» (2007) 1047 байтро фаро гирифта, дар ин миқдор шеър ёздаҳ маротиба тахаллуси шоир зикр шудааст, ки ин ба ҳар сад байт яктоӣ тахаллус рост меояд. Агар ин миқдор тахаллусро ба теъдоди ашъори дар сарчашмаҳо зикршудаи Рӯдакӣ - «сензда́х раҳ сад ҳазор» зам намоем, ба садяки он ашъор мавҷудияти тахаллусро тахмин кардан мумкин аст. Ин далели он аст, ки дар асрҳои IX - X тахаллусгузорӣ роиҷ буд ва устод Рӯдакӣ дар ашъори гуногуншакли худ дар мавридҳои зарурӣ тахаллусашро низ зикр мекардааст.

**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**номзади илмҳои филологӣ**

## Мавлуднома

**• 21 СЕНТЯБР •**

**Муҳаббат Иброҳимова** (1933), 90-солагии зодрӯзи забоншинос (русӣ).

**Мустафоқул Муҳаммадқулов** (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Виктор Петрушков** (1918-1969), 105-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Луъбат Шарифова** (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**• 22 СЕНТЯБР •**

**Абдусалом Ғаффоров** (1923-1989), 100-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Нуъмонҷон Усмонзода Ғаффорӣ** (1968), 55-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Муин Ғиёсов** (1913-1943), 110-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Абдурауф Қаҳҳоров** (1933), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**• 23 СЕНТЯБР •**

**Бурҳониддин Раҷабов** (1958), 65-солагии зодрӯзи актёр ва коргардони театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Карим Сангинов** (1923-1989), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Александр Толмачёв** (1903-1979), 120-солагии зодрӯзи ботаник, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Иззатулло Шарифов** (1953), 70-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

**• 24 СЕНТЯБР •**

**Заррина Диноршоева** (1968), 55-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

**Арнолд Одинсов** (1913-1971), 110-солагии зодрӯзи нависанда, мутарҷим.

**Михаил Салин** (1918-1986), 105-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**• 25 СЕНТЯБР •**

**Мирзо Қосим** (1943-2003), 80-солагии зодрӯзи адиб.

**Пётр Маляшкин** (1923-2007), 100-солагии зодрӯзи арбоби низомӣ, генерал-майор.

**Нусрат Раҷабов** (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор, академики АМИТ, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

**Людмила Фирсова** (1923-1993), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**• 26 СЕНТЯБР •**

**Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ** (1958), 65-солагии зодрӯзи муаррих.

**Сергей Олденбург** (1863-1934), 160-солагии зодрӯзи шарқшиноси рус, яке аз раисони Базаи тоҷикистонии АИ СССР.

**• 27 СЕНТЯБР •**

**Людмила Козироева** (1943-1991), 80-солагии зодрӯзи муаррих, китобшинос.

**Вера Шатирова** (1918-1991), 105-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сотих замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳозаш фурӯхта мешавад. Дарову зиндагӣ кун, ё бо хонаи 2 ё 3-хуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

## ОМӮЗИШ

► Дарси математика барои толибилмони синфҳои болоӣ. Тел.: 98-745-18-78

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Иқтибоси ҶДММ "Меҳри Сино", РЯМ: 0410000122, РМА: 040028139, ки соли 2009 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият даровaрда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► КТ "Наҷибулло", РЯМ: 3310000825, РМА: 330005630, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► КТ "Нишон-Н", РЯМ: 3310006655, РМА: 330011019, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандии А03014228 ба номи Сафаров Ифтихор Ҷоншоҳевич, ки санаи 29.01.2020 аз ҷониби ШММ Вахон ШВКД ноҳияи Ишкошим дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ниёзов Умед Муҳаммаднабиевич, РЯМ: 0430293399, РМА: 045602379, ки санаи 27.09.2019 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият даровaрда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1246409 ба номи Сафарова Саида Нарзуллоевна, ки соли 2021 аз ҷониби МТМУ №4-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси Орифов Сатторҷон, РЯМ: 0730126293, РМА: 185623961, ки аз 17.02.2015 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровaрда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Алимов Акбар Акрамович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи М. Мастонгулов 25-гузаргоҳи 32, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи №0134373 аз санаи 19-уми июни соли 2005 ба номи Хомидов Нурулло, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти 40-солагӣ, деҳоти Лабитол, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи С. Айнӣ, хонаи 46/2, бинои "Е", ҳуҷраи 266, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақавӣ ГМ №00525, №558, ба номи Шарифов Хайём Бурихонович, ки санаи 18-уми январи соли 2021 аз Гвардияи Миллии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Кароматов Холберди, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Зайнабобод, деҳаи Иқбол 144, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, феҳристи №12649, ба номи Алибахшова Қирғизбегим, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Сино, 132/6, кв. 16, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Хамидов Азимҷон Сафаралиевич, РМА: 037310577, ки соли 2015 аз Нозироти андози ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Муҳаммадиев Сӯҳроб Махмудович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский 25/4, ҳ. 16, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Зиёбиддинзода Акбаршо Ахлитдинович, ки соли 2022 аз Коллеҷи технологии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад. Тел.: 888-44-97-70

► Шартномаи ҳадяи 2/5 (две пятых) қисмати бинои истиқоматӣ бо реестри №8Д-2618 ба номи Абдусаидов Абдумажид, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Меҳнатобод, хонаи 49, ки аз 30-юми майи соли 2007 аз ҷониби саридораи давлатии Идораи нотариалии ноҳияи Сино ба расмият даровaрда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХУРАД

► Номи ҶДММ "Дорухонаҳои Мустақили Тоҷикистон", РМА: 040055869, ба ҶДММ "Имтиёз", РМА: 040055869 иваз карда шуд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Амин 2014", №0257717, РЯМ: 0310015851, РМА: 030026982, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ «Истиқлол-91», №0258083, РЯМ: 0410017915, РМА 040037707, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country’s potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Policy and Legal Officer, Tajik Nationals Only (Job ID: 13658/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 28 September 2023 NY time (or 29 September 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Project Manager, Tajik Nationals Only (Job ID: 13618/NPSA-9; Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 27 September 2023 NY time (or 28 September 2023, 08:59 AM TJK time)**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**



ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲО

## «ИСТИҚЛОЛ» БО «АЛ-ДУҲАЙЛ» МУСОВӢ КАРД

**Дастаи қаҳрамони Чемпионати футболи Тоҷикистон «Истиқлол»-и Душанбе дар оғози марҳилаи гурӯҳии Лигаи қаҳрамонҳои КФО-2023/24 дар гурӯҳи «Е» бо дастаи қаҳрамони футболи Қатар клуби «Ал-Духайл» бозиро мусовӣ (0:0) кард.**

Ин вохӯрӣ 19-уми сентябр дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии Душанбе баргузор шуд ва 17 500 тамошобинро ба ҳам овард.

«Истиқлол» дар даври дуюми марҳилаи гурӯҳӣ бо бошгоҳи «Ал-Наср»-и Арабистони Саудӣ, ки дар даври аввал бар «Персеполис»-и Эрон (2:0) пирӯз шуд, бозӣ мекунад. Рақобати «Ал-Наср» бо «Истиқлол» рӯзи 2-юми октябр дар варзишгоҳи «Ал-Аввал»-и шаҳри Риёз баргузор шуда, соати 21:00 ба вақти маҳаллӣ (23:00 ба вақти Душанбе) оғоз мешавад.



БОЗИҲОИ ОСИЁ

## БА ҒОЛИБОН ҶОИЗАИ ПУЛӢ ВА ХОНА ТАҚДИМ КАРДА МЕШАВАД

**Ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар Бозиҳои 19-уми Осиё, ки дар шаҳри Ханҷжоуи Чин баргузор мешавад, маълум шуд. 138 варзишгар Тоҷикистонро дар мусобиқаи мазкур аз 23-юми сентябр то 8-уми октябр муаррифӣ мекунанд. Варзишгарони тоҷик аз 40 намуди бозиҳо дар 18 намуди он дар Бозиҳои Осиё иштирок мекунанд.**




Аз ҳама бештар ба ҳайати дастаи мунтахаби бокси Тоҷикистон варзишгарон шомиланд, ки 13 варзишгар бо 1 намоянда ва 5 мураббӣ ҳастанд. Ҳамчунин, дар шиноварӣ 8 варзишгар (1 мураббӣ), таэквандо 6 варзишгар (1 мураббӣ), варзиши сабук 4 варзишгар (1 мураббӣ), бозиҳои компютерӣ 13 варзишгар (1 мураббӣ), каратэ-до 3 варзишгар (1 мураббӣ), кураш 3 варзишгар (1 мураббӣ), ҷудо 11 варзишгар (3 намоянда, 2 мураббӣ), камонварӣ 4 варзишгар (1 мураббӣ), ҷиу-ҷитсу 6 варзишгар (1 мураббӣ), каноэ-кайак 7 варзишгар, куштии озод ва юнону румӣ 9 варзишгар (1 намоянда, 2 мураббӣ), тирандозӣ 4 варзишгар (1 мураббӣ), ракси варзишӣ 4 варзишгар (1 мураббӣ), теннисӣ рӯи миз 4 варзишгар (1 мураббӣ), теннис 5 варзишгар (1 мураббӣ), ушу 2 (1 мураббӣ), волейболи соҳилӣ 4 (1 мураббӣ) ширкат мекунанд.

Паҳлавони маъруф Темур Раҳимов дар Бозиҳои Осиё парчамбардори дастаи мунтахаби Тоҷикистон хоҳад буд.

Ба варзишгароне, ки дар Бозиҳои Осиёи Хангжоу нишони тилло мегиранд, 150 000 сомонӣ, ба барандагони нишони нукра 100 000 сомонӣ ва ба соҳибони нишони биринҷӣ 50 000 сомонӣ Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Раиси шаҳри Душанбе баҳри дастгирии варзишгарон дар Бозиҳои 19-уми Осиё қарор кард, ки тибқи он, ба гирандагони медали тилло хонаи 3-утоқа, медали нукра 2-утоқа ва медали биринҷӣ хонаи 1-утоқа тақдим мегардад.

UFC 295



## НУРУЛЛО АЛИЕВИ ТОҶИК БО МАТЕУШ РЕБЕТСКИИ ЛАҲИСТОНӢ НАБАРД МЕКУНАД

**Нурулло Алиев, размикори шинохтаи тоҷик муҳорибаи навбатии худро бо Матеуш Ребетскии лаҳистонӣ баргузор мекунад. Муҳориба 11-уми ноябри соли 2023 дар доираи мусобиқоти UFC 295 дар назар дошта шудааст.**

Матеуш Ребетски 30-сола буда, 18 пирӯзӣ ва 1 бохт дорад. Ӯ дар мусобиқоти UFC ду муҳориба баргузор карда, дар ҳардуяш ғалаба кардааст. Нурулло Алиев дар мусобиқоти UFC як муҳориба гузаронида ва дар он ғалаба кардааст. Ин дуюмин рақобати Нурулло Алиев дар UFC мебошад. Алиев дар нахуст набард рақиби бразилӣ Рафаэл Алвесро шикаст дода буд. Дар ин кувваозмоӣ ӯ ғалабаи таърихӣ ба даст оварда, аввалин размикори тоҷик дар ташкилоти UFC шуд.

Нурулло Алиев, ки ӯро мухлисонаш "Уқоби тоҷик" низ меноманд, 22 сол дошта, то имрӯз дар ташкилоти Fight Nights Global мечангид. Ӯ то имрӯз ягон бохт надорад.

ФУТБОЛ

## ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР БЕЛГРАД НОКОМ ШУДАНД

**Дар шаҳри Белгради кишвари Сербистон мусобиқаи ҷаҳонии куштӣ баргузор шуд, ки дар он намояндаҳои Тоҷикистон ширкат карданд, аммо ягон ҷойи ифтихориро соҳиб нашуданд.**

Дар ҳайати Тоҷикистон Абдумаҷид Кудиев (65 кг), Мустафо Ахмадов (70 кг), Магомед Евлоев (74 кг), Шухрат Бозоров (79 кг) дар куштии озод, Асламҷон Азизов (60 кг), Фирӯз Мирзорачабов (67 кг) дар куштии классикӣ ширкат карданд.

Магомед Евлоев дар даври 1\16 аз амрикоӣ Дуглас Дейк шикаст хӯрд ва дар даври тасаллобахш аз қазоқистонӣ Нуркож Катпанов ноком шуд.

Шухрат Бозоров дар даври квалификатсионӣ аз намояндаи Булғористон Михаил Георгиев мағлуб шуд.

Мустафо Аҳмадов дар аввал Кевин Хенкеляро аз Денморк шикаст дод ва дар даври 1\8 аз дасти амрикоӣ Зейн Ретерфорд ноком шуд. Дар даври тасаллобахш паҳлавони ҳиндустонӣ Абхиман Абхиман ӯро шикаст дод.

Абдулмаҷид Кудиев дар даври аввал бар фаронсавӣ Хамзат Арсамерзуев пирӯз шуд. Дар даври 1\16 паҳлавони Куба Алехандро Валдесро ноком кард, аммо дар даври 1\8 аз арманӣ Вазген Теванян шикаст хӯрд.




РЕЗААХБОР

Дастаи мунтахаби кикбоксинги Тоҷикистон дар мусобиқаи байналмилалии «Uzbekistan Open-3», ки дар шаҳри Тошканд баргузор шуд, 17 ҷойи ифтихориро соҳиб шуд, ки аз ин 9 нишон тиллоӣ, 3 нишон нукра ва 5 нишон биринҷӣ аст. Дар мусобиқа 1561 варзишгар аз 23 кишвар ширкат карданд. Тоҷикистонро 19 варзишгар, 6 довар ва 3 мураббӣ намояндагӣ карданд. Тоҷикистон дар ҳисоби дастаӣ сеюм шуд.

***

Дар Қасри теннис ва маҷмааи варзиши обии шаҳри Душанбе бо иштироки варзишгарон аз Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Тоҷикистон Мусобиқаи байналмилалии шиноварӣ баргузор шуд. Дар мусобиқа варзишгарони Ӯзбекистон ҷойҳои бештари ифтихориро соҳиб гардида, ғолиби мусобиқа дониста шуданд.

***

Дар Суперлигаи футзали Тоҷикистон марҳилаи сеюм оғоз шуд. Дастаи «Истиқлол»-и Душанбе дар садри ҷадвал аст, «Соро компания» дуюм ва «Амонатбонк» сеюм ҳастанд. Дар даври 11-ум «Пойтахт» аз «Соро компания» бо натиҷаи базурги 4:11 шикаст хӯрд. Дастаи «Самандар» бо ҳисоби аз ин ҳам бузургтар - 0:18 аз дастаи «Истиқлол» ноком шуд.

***



Варзишгарони Тоҷикистон дар Гран-при куштии самбо, ки дар Уфаи Русия баргузор шуд, ду нишони нукра ва як биринҷӣ ба даст оварданд. Анушервон Назарзода дар самбои варзишӣ дар вазни 58 кг ва Умедҷон Муҳиддинов дар сабои размӣ дар вазни 71 кг нишони нукра ба даст оварданд. Субҳон Мирзомуродзода дар самбои размӣ дар вазни 79 кг нишони биринҷиро соҳиб шуд.



### Хасис

Марди хасисе пеш аз хоб китоб мехонд ва чароғи хонаро куштаву гирондан мегирифт. Занаш пурсид:

- Барои чӣ ин тавр мекунӣ?

Гуфт:

- Ҳангоми ба дигар саҳифа гузаштан равшанӣ лозим нест!

### Чор фарзанд

Зане ба дугонааш телефонӣ шикоят мекунад:

- Намедонам чӣ кор кунам: ду сол пеш шавҳарам ба Дубай рафт, акнун телефон карда мегӯяд, ки бо харду фарзандам ба пешаш равам.

- Чӣ фикр мекунӣ? Рав охир?

Зан мегӯяд:

- Гап сари он, ки акнун ман 4 фарзанд дорам!

### Болишт

Марде аз сафар бармегашт, торик шуд, ба хонаи як шиносаш даромад. Шиносаш одами хасис буд, хеле гап доду баъд ҷойгаҳ партофта, "бахузур хоб кунед, шабатон хуш" гуфта, баромада рафт.

Аз гуруснагӣ хоби мард намебурд, ноилоҷ хеста, дарро тақ-тақ кард. Шиносаш аз дарун:

- Чӣ шуд?

- Дуто нон даркор,- гуфт мард.

- Дар ин нимишабӣ нонро чӣ кор мекунед?,- пурсид шиносаш.

- Болишт паст аст, хобам набурда истодааст, нонҳоро ба тагаш мемонам,- гуфт мард.

### Ҳамҷинс

Марде харсавор мерафт, ки аз пешаш сӯфии деҳа баромад. Якбора хар чуфтак паронда, ҳангас зад. Сӯфӣ пурсид:

- Ба харатон чӣ шуд?

Мард гуфт:

- Ин фалокат ҳамҷинсашро бинад, ҳамин хел мекунад.

### Рӯзи нобарор

Писар аз падар мепурсад:

- Падарҷон, рӯзи бо модарам вохӯрданатонро дар ёд доред?

- Бале, писарҷон. Дар ёд дорам,- ҷавоб медиҳад падар.

- Кадом рӯз аст?,- боз мепурсад писар.

- Рӯзи нобарор,- ҷавоб медиҳад падар.

### Моҳӣ

Субҳ зан мардашро меҳрубонона бедор мекунад:

- Субҳат ба хайр, харгӯшак! Хез, Гурбачаяк. Охир, бедор шав, Офтобак...

Дар ҷавоб мешунавад:

- Ман имрӯз моҳиям, пой надорам ва ба ҳеҷ куҷо намеравам!

**Таҳияи Нодира РАҶАБОВА**

## Сканворд






### ... БАС КАРДАМ
*(Аз нақли Садриддини Шамсиддин)*

Дар маҳфиле бо дӯсте дучор омадам, ки аз дӯстдорони шароб буд. Баъд аз саломи алейк гуфт:

- Дар газета хондам, ки арақ ба ҳама аъзои бадан зарар доштааст. Шушро бемору шахсро мубталои захми меъда карда, ҷигарро аз кор мебаровардааст. Бо гузашти вақт инсонро ҳатто фаромӯшхотир мекардааст.

- Баъд чӣ кор кардед? Арақнӯширо бас кардед?,- пурсидам бо кунҷковӣ.

Бо табассум гуфт:

- Газетахониро бас кардам.

### АЗ РИШ КАНДА, БА БУРУТ ЧАСПОНИДААНД

Субҳ бо муаллиме рӯ ба рӯ шуда, баъд аз холпурсӣ гуфтам:

- Муаллимҷон, бароятон як хабари хуш дорам ва як хабари бад, аз кадомаш шуруъ кунам?

- Канӣ аз хабари хуш сар кун, ки рӯзро бо шунидани хушхабар оғоз кунем,- гуфт муаллим.

Гуфтам:

- Аз якуми сентябр маоши муаллимон 20 фоиз зиёд мешавад.

- Ин воқеан хабари хуш аст,- гуфт бо хушнудӣ.- Ку хабари бадатро бигӯ.

- Пули тафтиши дафтарҳо ва ороиши кабинетҳоро бекор кардаанд.

Муаллим сари аз заҳмат калшудаашро хорида-хорида, гуфт:

- О, аз риш канда, ба бурут часпонидаанд-ку...

### РӮЗИ ОЗОДИИ ВИҶДОН

- Шунидам, ки Рӯзи озодии Виҷдонро чашн гирифтаед. Дар он киҳо иштирок доштанд?,- бо заҳрханда аз ман пурсид Зоҳири Сайфулло.

Гуфтам:

- Ба ғайр аз ҷаноби Виҷдон, ҳама ширкат доштанд.

- Чӣ, магар соҳибчашн дар ҷашни худ ширкат надошт?,- боз суол кард.

- Не,- гуфтам,- Виҷдон мустақилият ба даст овард. Дигар на мо ба Виҷдон коре дорему на ӯ ба мо.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**